*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ХАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№17 (12450)
25 апрели
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ҲАМОИШ

## ИМКОНОТИ МУСОИД БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶИ КИШВАР

***Якумин фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

22-юми апрели соли равон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи «Якумин фестивал - намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Анвар Сафарзода, муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, кормандони соҳаи маориф, ректорон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои ИДМ, Осиё, Аврупо ва Амрико иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ таъкид кард, ки Ҳукумати мамлакат сол то сол ба такмили соҳаи маориф аҳамияти ҷиддӣ дода, бо истифода аз тамоми имконияту шароит барои рушду нумуи соҳа тадбирҳои фаврӣ меандешад. Роҳбари мамлакат маорифро соҳаи афзалиятноки ҷомеа шуморида, ҳамасола маблағҳои зиёдеро дар ин самт равона месозад. Гуфта шуд, ки натиҷаи ин гуна таваҷҷуҳ ва ғамхорист, ки айни замон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат беш аз 40 ҳазор нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд. Танҳо дар соли таҳсили 2022 – 2023 беш аз панҷ ҳазор нафар барои таҳсил ба хорича фиристода шуданд. Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар зарфи сӣ соли охир чор маротиба ва теъдоди донишҷӯён ду маротиба афзоиш ёфт. Дар баробари ин, ҳоло дар муассисаи таҳсилоти олии кишвари мо беш аз ёздаҳ ҳазор нафар донишҷӯи хориҷӣ аз понздаҳ давлати дунё таҳсил менамоянд.

Дар робита ба ин, вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иттилоъ дод, ки ҳамкориҳои имрӯза ва минбаъдаи донишгоҳҳо метавонанд барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муайяни стратегии соҳаи илм ва маорифи ҷумҳуриҳои иштирокдори «Якумин фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон – 2024» мусоидат намоянд.

- Бо ҳисси ифтихору шарафмандӣ метавон хулоса кард, ки робитаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангӣ ва гуманитарии мамлакатҳои иштирокдори ин ҳамоиш ба заминаи боэътимоди амиқтар кардани муносибатҳо дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла, илму маориф, технологияҳои олӣ ва инноватсия замина мегузорад, – гуфт вазир. - Бояд афзуд, ки низоми таҳсилоти олӣ ва ташаккули фазои ягонаи башардӯстона асоси рушди ҳамкории кишварҳои иштирокдори ҳамоиши зикргардида ба шумор меравад. Таъкид гардид, ки ба шарофати сиёсати хирадмандона ва созандаи роҳбарони кишварҳои иштирокчӣ рушди илму маориф дар тамоми давра ба самти муҳимтарин ва соҳаи афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Ба таъкиди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фестивал – намоишгоҳ барои омӯхтани таҷрибаи пешқадам бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳо ва таҳкими муносибатҳои неки мамлакатҳои минтаҷа мусоид мебошад. Бинобар он, бовар ҳаст, ки натиҷаи гуфтугузорҳои ин ҳамоиш ба самтҳои илм, маориф, таълим ва инноватсия такони нав бахшида, дар баробари ин, марҳалаҳои муҳимми рушду инкишофи муносибатҳои муассисаҳои илмию таълимии кишварҳои иштирокчиро дар равандҳои гуногуни ҳамкорӣ таъмин менамояд. Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Виктор Александрович Денисенко изҳор дошт, ки маориф ва илм яке аз мавзуъҳои калидӣ ба шумор рафта, ҳамеша мавриди гуфтугӯи судманд қарор мегиранд. Ӯ хотирнишон сохт, ки табодули таҷрибаи вазоратҳои маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриҳои иштирокдори ҳамоиш ба беҳтар гардидани самаранокии таълим ва истифодаи роҳу усулҳои муосир мусоидат хоҳад кард. Зеро омӯхтани таҷрибаи ҳамдигар муҷиби пешрафту тараққиёт дар соҳаҳои гуногун хоҳад гардид. Баргузории чунин иқдом кори саҳлу сода нест. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Беларус ҳамкориҳои дутарафаро ҳанӯз ҳафт сол пеш аз ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ шуруъ карда буданд, ки то ҳол идома дошта, сол то сол ин муносибатҳо равнақ меёбанд. Дар ин чорабинӣ намояндагони ду муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Беларус – Донишгоҳи давлатии Беларус ва Донишгоҳи миллии техникии Беларус ширкат варзида, табодули таҷриба хоҳанд кард.

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валихон Турихонов гуфт, барои аз бар кардани донишҳои замонавӣ ва илмҳои нав дар Ҷумҳурии Қазоқистон пайваста таваҷҷуҳ ва талош карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи маориф сиёсати дарҳои кушод эълон гардидааст. Ҳамин аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ теъдоди зиёди хориҷиён, аз ҷумла, тоҷикон ба

*(Давомаш дар саҳифаҳои 4-5)*

ДАР ВАЗОРАТ

## ҶАЛАСАИ НАЗОРАТӢ БАРГУЗОР ГАШТ

23-юми апрели соли ҷорӣ таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи назоратӣ баргузор гардид. Дар он муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Суғд ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Нахуст вазири маориф ва илм ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, аз таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаҳои маориф ва илм ёдовар шуд.

Аз рӯи масъалаи якум директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ"- и Вазорати маориф ва илм М. Давлатзода вобаста ба фаъолияти истироҳатгоҳҳо ва омода намудани истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ба давраи истироҳати тобистонаи соли 2024 суханронӣ кард.

Зимни баррасии масъалаи мазкур раиси ҷаласа таваҷҷуҳи ҳозиринро ба таҳияи нақшачорабиниҳо ҷиҳати фарогирии бештари хонандагон ба истироҳатгоҳҳои тобистона, зиёд намудани шумораи истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ва наздимактабӣ, таъмин намудани истироҳаткунандагон бо хӯрокҳои серғизо ва истифодаи мақсадноки истироҳатгоҳҳо дар шаҳру ноҳияҳо ҷалб намуд.

Сипас ҳисоботи сардори раёсати илм ва инноватсия С. Ниёзӣ дар бораи натиҷаи санҷиши вазъи таълим дар зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии воҳеъ дар вилояти Суғд ва ҳисоботи сардори раёсати муносибатҳои байналмилалӣ Ф. Худойдодзода оид ба таҳлили вазъи иҷрои талаботи протоколҳои комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои маориф ва илм шунида шуд.

Дар рафти баррасии масъалаҳои болозикр вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи ҳозиринро ба иҷрои нақшаи қабул ба зинаи магистратура, аспирантура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии воҳеъ дар вилояти Суғд, дуруст пешниҳод намудани нақшаи қабул, гузаронидани ихтисосҳо аз аккредитатсияи байналмилалӣ, гузаронидани мониторинг дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷ, таҳияи лоиҳаҳои санадҳои нави ҳамкорӣ, таъсиси шуроҳои муштараки диссертатсионӣ ва дигар масъалаҳои мубрам равона кард.

Дар охир вазири маориф ва илм ба ҳозирин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, дар сатҳи баланд ба роҳ мондани раванди таълиму тарбияи насли наврас гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва муассисаҳои таълимӣ, беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ҷалби бештари хонандагон ба озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фарогирии хатмкунандагони синфи 9 ба таҳсил, гирифтани пеши роҳи амалҳои номатлуб дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳуҷҷатсупории хонандагони синфҳои 11 ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои қатъӣ дод.

***Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илми***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

*Пеш аз ҳама забон боздоштанро биомӯз.* *Менандр*

«Омӯзгор» №17, 25 апрели соли 2024

ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲО

# ДОНИШҶӮЁНИ ТОҶИК МУВАФФАҚАНД

17 апрели соли равон вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар толори Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия бо донишҷӯёни тоҷике, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия таҳсил доранд, вохӯрӣ намуд.

Дар вохӯрӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Гулмаҳмадзода Давлатшоҳ Қурбоналӣ, масъулони Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия ва беш аз 500 нафар донишҷӯи тоҷик, ки дар муассисаҳои таълимии гуногун таҳсил менамоянд, иштирок карданд.

Вазири маориф ва илм зимни суханронӣ аз дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, ба масъалаҳои донишомӯзии донишҷӯёни тоҷик, Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва нақши он дар илмомӯзии ҷавонон, риояи тартибот дар кишварҳои хориҷ аз ҷониби донишҷӯёни тоҷик, дастовардҳои назарраси онҳо, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани мавқеъ ва обрӯи давлату миллат ишораҳо намуд.

Қайд гардид, ки донишҷӯёни тоҷик дар байни шаҳрвандони хориҷӣ тибқи мониторинге, ки аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷ гузаронида шудааст, дар азхудкунии барномаҳои таълимӣ мақоми аввалро соҳиб гардидаанд, ки ин боиси ифтихор аст.

Миёни вазири маориф ва илм ва донишҷӯёни тоҷик суҳбати гарму озод сурат гирифт. Р.Саидзода, ҳамчунин, бо вазъи буду бош ва таҳсили донишҷӯён ошноии комил пайдо кард.

Аз ҷониби донишҷӯён фикру пешниҳодҳои судманд ироа гардид.

# НАҚШИ СҲШ ДАР РУШДИ МАОРИФ

18 апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Москва Ҷаласаи ҳаштуми вазирони маорифи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай баргузор гардид, ки дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода иштирок намуд.

Дар қисмати аввали ҷаласа суханронии Котиби генералии СҲШ Чжан Мин, вазири илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия Валерий Фалков, муовини вазири маорифи Федератсияи Россия Денис Грибоев, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ва дигар вазирони маорифи кишварҳои аъзо ва нозири СҲШ шунида шуд.

Дар идома масъалаҳои беҳтар намудани ҳамкориҳои муассисаҳои таълимии кишварҳои аъзо ва нозири СҲШ, таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф ва илм байни кишварҳои аъзо, гузариш ба сатҳи нави ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва таъсиси Донишгоҳи Созмони Ҳамкории Шанхай барои наздик намудани равобити кишварҳои аъзои созмон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ аз масъалаҳои баррасишаванда истиқбол намуда, онҳоро дар густариш ва таҳкиёт бахшидани ҳамкориҳо ва равобити дӯстии байни кишварҳои аъзо муҳим арзёбӣ кард.

Гуфта шуд, ки ҳадафи баргузории ҷаласаи мазкур таҳкими эътимоди мутақобила ва муносибатҳои неки байни кишварҳои узви СҲШ, рушди равандҳои ҳамгиробӣ дар соҳаи маориф, илм ва иноватсия, додани такони нав ба густариши ҳамкориҳои бисёрҷонибаи таълимӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, васеъ кардани имкониятҳо барои ҷавонон барои гирифтани маълумоти босифати муосир, таъсис ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, мусоидат ба ҳамкории самараноки давлатҳои иштирокчии созмон дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ ва фарҳангӣ ва тадбирҳои афзалиятнок барои таъсиси Донишгоҳи СҲШ мебошад.

Дар охир як қатор созишномаҳо аз ҷониби вазирони маорифи кишварҳои аъзои СҲШ дар самтҳои гуногуни соҳаи маориф ба имзо расиданд.

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ

Дар ҳошияи Ҷаласаи ҳаштуми вазирони маорифи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо вазири илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия Валерий Фалков мулоқот намуд.

Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия дар самтҳои илму маориф, шароити таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки донишҷӯёни тоҷике, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия таҳсил менамоянд, дар баробари дигар донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ дар истеҳсолот ҷалб карда шаванд, чун дар замони муосир аз истеҳсолот дур будани таълим ба сифати он таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Ин пешниҳоди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вазири илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба хушнудӣ пазируфта шуд ва қайд гардид, ки минбаъд донишҷӯёни тоҷик ба таҷрибаомӯзӣ ҷалб карда мешаванд.

# ВОХӮРИИ РАҲИМ САИДЗОДА БО СЕРГЕЙ КРАВТСОВ

18 апрели соли 2024 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Москва бо вазири маорифи Федератсияи Россия Сергей Кравтсов вохӯрӣ намуд.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо аз ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи маориф изҳори қаноатмандӣ карданд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд, ки айни ҳол муносибатҳои Тоҷикистону Россия дар самти маориф дар доираи беш аз 200 созишномаи ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Соли гузашта дар Тоҷикистон бахшида ба Соли забони русӣ 50 чорабинӣ ташкил ва баргузор гардид, ки ин самараи ҳамкориҳои неку ҳасана аст.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии забони таълимашон русӣ дар Тоҷикистон, омода намудани омӯзгорони фанни забони русӣ барои муассисаҳои таълимии Тоҷикистон, таҳияи китобҳои дарсӣ ва ба таҳсил фаро гирифтани фарзандони муҳоҷирони тоҷик дар ҳудуди Федератсияи Россия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

# РОБИТАҲО БА САТҲИ БАЛАНДТАР МЕРАСАНД

Масъалаи эътирофи баробарарзишии дипломҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дарачаву унвонҳои илмӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ва вазири маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин Хуай Сизин Пэн, ки 19-уми апрели соли 2024 дар ҳошияи Ҷаласаи ҳаштуми вазирони маорифи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар шаҳри Москва баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қайд гардид, ки дар ин маврид лоиҳаи Созишнома байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳоли коркард ва баррасии вазорату идораҳои дахлдори ду кишвар қарор дорад.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо аз рушди босуръати ҳамкориҳо миёни ду кишвар дар соҳаи маориф ва илм изҳори қаноатмандӣ намуда, дар баробари ин, ба сатҳи нав баровардани ҳамкориҳоро таъкид доштанд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуд, ки ҷониби Тоҷикистон мақсад дорад, ки дар доираи баргузории конфронси якҷояи Тоҷикистону Чин таҳти унвони "Омӯзиши муносибатҳои таърихии дӯстӣ, ҳамсоягӣ ва шарикии стратегии Тоҷикистону Чин" 50 нафар олими чиниро ба Тоҷикистон даъват намояд. Ин иқдом аз ҷониби вазири маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин ба хушнудӣ пазируфта шуд.

Боиси зикр аст, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои илму маориф дар асоси Созишнома дар бораи ҳамкорӣ, дӯстӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 15 январи соли 2007 ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти олии Чин беш аз 2000 нафар донишҷӯи тоҷик таҳсил менамоянд.

# ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАИ "БИЁ, ҲАМРОҲ ОМӮЗЕМ"

17 апрели соли равон бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа оид ба натиҷагирӣ аз корҳои анҷомёфта ва нақшаҳои минбаъдаи лоиҳаи «Биё, ҳамроҳ омӯзем» баргузор гардид. Дар ҷаласа муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода, директори миссияи ЮСАИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Питер Райли, аъзои гурӯҳи корӣ, шарикони рушд ва дигар кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.

Дар ибтидо муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода қайд кард, ки ҷаласаи имрӯза иқдоми хубест ҷиҳати шиносоӣ аз рафти иҷрои корҳои анҷомёфта ва беҳтар намудани ҳамкориҳои дуҷониба бо лоиҳаи "Биё, ҳамроҳ омӯзем".

Сипас директори миссияи ЮСАИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Питер Райли оид ба натиҷаҳо ва фаъолияти лоиҳаи "Биё, ҳамроҳ омӯзем" суханронӣ намуд. Мавсуф иброз дошт, ки дар доираи амалишавии лоиҳа дар самти масъалаҳои калидию афзалиятноки соҳа - чопи китобҳои бадеии бачагона ва дастгирии техникӣ дар таҳияи китобҳои дарсӣ барои синфҳои 1-4 ва баргузории озмоиши онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои назаррас ба анҷом расидаанд.

Тибқи нақшаи соли чорум лоиҳа ҳададор гардидааст, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба теъдоди ҳаштсад ҳазор китобҳои бадеии бачагона чоп намояд.

Дар идома нақшаи соли якуми Лоиҳаи ЮСАИД оид ба таҳсилоти фарогири томактабӣ муаррифӣ шуда, миёни ҳозирин доир ба нақшаи таҳияшуда мубодилаи афкор сурат гирифт.

Қайд гардид, ки ҳадафи лоиҳаи мазкур амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, фарогирии бештари кӯдакон ба марказҳои инкишофи кӯдак ва кӯдакистонҳо, беҳтар намудани шароити моддиву техникии муассисаҳои томактабӣ, ба стандартҳои замони муосир мутобиқ намудани таълиму тарбияи томактабӣ ва истифодаи таҷрибаҳои давлатҳои пешрафта дар ин самт мебошад.

**Дар қаламрави Тоҷикистону Ӯзбекистон қариб 400 корхонаи муштарак фаъолият менамояд.**

АХБОР

# ОМИЛИ ПЕШРАФТИ БОСУБОТИ КИШВАР

Таҳти ҳамин унвон 20 апрели соли 2024 вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ баргузор гардид. Дар он сардорони раёсату шуъбаҳои донишгоҳ, деканони факултетҳо ва мудирони кафедраҳо иштирок намуданд.

Дар вохӯрӣ, пеш аз ҳама, дастуру супоришҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо фаъолону намояндагони ҷомеа ва ходимони дин ироа доштанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Қайд гардид, ки ичрои дастурҳои Пешвои миллат дар мавриди баланд бардоштани ҳисси милливу хештаншиносӣ, ифтихор аз Ватану ватандорӣ, пешгирӣ аз хурофотпарастӣ ва урфу одатҳои бегона, роҳ надодан ба гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун аз ҷониби кормандон ва омӯзгорони донишгоҳ ҳамчун қишри зиёии ҷомеа бояд комилан таъмин карда шавад.

Боиси хушнудист, ки Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Давлату Ҳукумат ба рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Аз ин ҷост, ки дар кишвар бо дарки амиқи ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ниёз доштани иқтисоди кишвар солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон гардидааст. Ин масъулияти кормандону омӯзгорони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимиро низ дучанд менамояд.

Вазири маориф ва илм қайд намуд, ки масъалаи омода намудани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар донишгоҳ бояд ҳатман бознигарӣ шавад. Мутаассифона, айни ҳол синну соли миёнаи докторони илм дар донишгоҳ аз 60 боло аст ва аз ин рӯ, зарурати он пеш омадааст, ки дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дӯст ва ба мо наздик дар доираи ҳамкориҳо дар самти илму маориф шуроҳои диссертатсионии муштарак таъсис дода, шумораи докторони илм зиёд карда шавад. Дар ин росто, ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Вазорати таҳсилоти олӣ ва илми Федератсияи Россия ва Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид гардидани маҷаллаи донишгоҳ - «Паёми политехникӣ» заминаи мусоид барои фаъолиятҳои минбаъда мебошад.

Дар баробари ин, бештар намудани гурӯҳҳои забони таълимашон русӣ ва англисӣ метавонад ба сатҳи забондонии донишҷӯён таъсир расонад, онҳоро дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир намояд ва дар густариши ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳои хорӣ заминагузор бошад.

Масъалаи дигаре, ки вазири маориф ва илм ба он таваҷҷуҳ намуд, таъсиси паркҳои технологии муосир ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ буд. Таъкид гардид, ки мутаассифона, айни ҳол омода намудани мутахассисон ва фаъолияти паркҳои технологии донишгоҳ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бо ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоту ширкатҳо ва шарикони рушд метавон ҳам паркҳои технологии муосир сохт ва ҳам донишҷӯёнро ба таҷрибаомӯзии фаъол дар истеҳсолот ҷалб намуд. Ҷалби донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ дар истеҳсолот, махсусан, дар ширкатҳое, ки ба истеҳсол ва таъмини энергия, аз ҷумла, қувваи барқ сару кор доранд, барои иқтисоди кишвар муҳим ва саривақтӣ аст.

Ҷалби довталабони соҳибистеъдод ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз масъалаҳои дигари вохӯрӣ буд. Қайд гардид, ки бояд корҳои тарғиботӣ дар миёни довталабон тақвият бахшида шавад ва зарфиятҳои илмиву таълимии донишгоҳ дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ гардад.

Иштироки донишҷӯён дар раванди дарс ва масъулиятпазирии омӯзгорон аз масъалаҳои дигари вохӯрӣ буд. Раҳим Саидзода иброз дошт, ки дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ танҳо омӯзгоре диққати донишҷӯро ҷалб карда метавонад, ки худ аз техникаву технологияи муосир бохабар аст ва аз он дар раванди таълим самаранок истифода менамояд. Аз ин рӯ, истифодаи технологияи муосир дар рафти дарсҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Дар анҷоми вохӯрӣ вазири маориф ва илм вобаста ба ичрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва масъалаҳои дар боло зикргардида ба масъулини донишгоҳ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Аз ҷониби ҳозирин таклифу пешниҳодҳои муфид вобаста ба масъалаҳои боло ироа гардида, аз ҷониби вазири маориф ва илм ва роҳбарияти донишгоҳ пазируфта шуд.

# БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБОН ТАВАССУТИ ММТ

Дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вазорати маориф ва илм таҳти раёсати муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода ҷаласаи корӣ оид ба бақайдгирии довталабон тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон баргузор гардид. Дар он сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Раиси ҷаласа қайд намуд, ки идомаи таҳсили хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои соҳибкасб шудани ҷавонон ва дар оянда дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ рақобатпазир шудани мутахассони тоҷик замина фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳишмандонро барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ба қайд гирифта, барои роҳ ёфтани онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ имтиҳонҳои дохилшавӣ муайян намудааст.

Дар баробари ин, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони варзида яке аз масъалаҳои муҳимест, ки имрӯз дар маркази фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҷиҳати дар соли таҳсили 2024-2025 пурра ба омӯзгорон таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ лозим аст, ки аз ҳоло корҳои банақшагирӣ гузаронида шавад.

Дар ҷаласа, ҳамзамон, масъалаҳои беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, боло бурдани неруи зеҳнии хонандагон, баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ бо омӯзгорону хонандагон ҷиҳати пешгирӣ аз хурофоту бегонапарастӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, иштироки бештари хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва пурра бартараф намудани норасоии кадрӣ дар муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба масъулин аз ҷониби муовини вазири маориф ва илм дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

***Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илми***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ИЛМ – АСОСИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ

18 апрели соли равон дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ конференсияи байналмилалии илмию амалии донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯёну докторантон дар мавзуи “Илм – асоси рушди инноватсионӣ” баргузор гардид. Конференсияи мазкур ҷузъи муҳимтарини корҳои тадқиқотии донишҷӯёну олимони ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ буда, барои ҳамгироии илм бо истеҳсолот заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Тавре ки аз барномаи конференсияи мазкур бармеояд, имсол аз ҷониби омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯёну докторантони Phd зиёда аз 100 мақолаи илмӣ барои нашр дар маҷмуа пешниҳод гардидааст.

Инчунин, мақолаҳои илмӣ аз чанд кишвари хорӣ, аз қабили Ӯзбекистон, Қазоқистон, Россия ва Словакия пешниҳод гардидаанд. Мақолаҳои пешниҳодшуда ба 6 бахш (11 самт) - “Энергетика ва иқтисод”, “Технологияи кимиё ва металлургия, мошинсозӣ, маводшиносӣ ва технологияи мавод”, “Сохтмон ва меъморӣ”, “Технологияи иттилоотӣ ва илмҳои бунёдӣ”, «Илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, экология ва идоракунии сифати таълими муҳандисӣ» мутааллиқанд

Бояд зикр кард, ки имсол аввалин маротиба маводи конференсияи мазкур дар асоси шартномаи баимзорасида ба китобхонаи электронии eLIBRARY ворид карда мешавад.

# ИНФОРМАТИКА ВА ҶАВОНОН

Аз 15 то 20 апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи байналмилалии нафту гази Туркманистон ба номи Ягшигелдӣ Какаеви шаҳри Ашқобод Олимпиадаи дуюми байналмилалӣ оид ба информатика баргузор гардид.

Дар олимпиадаи мазкур 350 нафар аз 70 муассисаи таълимии кишварҳои ҷаҳон иштирок намуданд.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимиро дар олимпиадаи мазкур 5 нафар донишҷӯи донишгоҳ ва Абдунабӣ Қосимов - роҳбари гурӯҳ намояндагӣ намуданд. Олимпиада дар якчанд зина давоми 4 рӯз идома намуд. Натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии ҳайати устодон дар раванди таълиму тарбия ва омодасозии донишҷӯён, инчунин, шароити хуби таҳсил дар донишгоҳ буд, ки аз 5 нафар донишҷӯйи ин донишгоҳ 4 нафар соҳиби ҷойҳои намоён гардиданд:

1. Сиёвуш Файзуллоев - ҷойи дуюм,
2. Фирдавсҷон Фозилов - ҷойи дуюм,
3. Дилбоз Сафаров - ҷойи дуюм,
4. Бинёмин Афроимов - ҷойи сеюм,
5. Ҷамшед Раҳимов - сертификат барои иштироки фаъолона.

# ИФТИТОҲИ БИНОИ ИЛОВАГИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

Дар деҳаи Қазоқободи Ҷамоати деҳоти Маданияти ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бинои иловагии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 20 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Иншоот аз як ошёна иборат буда, дорои хонаи омӯзгорон ва 12 синфхона барои таҳсили 288 хонанда дар як баст мебошад.

Бинои иловагии муассиса дар доираи истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуд.

# САНОАТИ МЕТАЛЛУРГӢ ВА РАВНАҚИ ИҚТИСОДӢ

Дар толори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи «Нақши саноати металлургӣ дар рушди иқтисоди кишвар дар давраи соҳибистиқлолӣ» конференсияи илмӣ-назариявӣ доир гардид.

Конференсияро сардори раёсати илм ва инноватсия Анвар Шарифов оғоз намуда, оид ба мавзуъҳои баррасишаванда ба аҳли ҳамоиш маълумот дод.

Устодони донишгоҳ Сафар Холиқов, Рустам Ёрмадов ва Паричеҳра Каримова дар мавзуъҳои дахлдор маърӯзаҳо ироа намуданд. Дар қисмати дуюми чорабинӣ донишҷӯён таҷрибаҳои химиявиро ба ҳозирин намоиш доданд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Дар Тоҷикистон ичрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 105,9% таъмин гардид.**

*Одам ё бар асари тарс бадбахт мешавад ё ба дунболи хоҳиши зиёд.* *Эпикур*

«Омӯзгор» №17, 25 апрели соли 2024

ҲАМОИШ

# ИМКОНОТИ МУСОИД БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶИ КИШВАР

## *Якумин фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

таҳсил фаро гирифта шудааанд. Чунин андешаҳо аз тарафи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Аҷар низ таъкид гардид. Ба ақидаи номбурда, бо ҳама он часпу талошҳое, ки Тоҷикистон дар самти пешбурди соҳаи маориф ва таълим дорад, метавонад, ки дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна намуна бошад.

Намояндаи Сафорати Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки дар солҳои ба даст овардани Истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақа масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тавсеа ёфтанд. Аз ҷумла, соҳаи маориф тараққӣ кард.

- Мо медонем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаи маориф аҳамияти хоса дода мешавад, ки ин хуб аст, - гуфт ӯ. - Бино ба нишондодҳои оморӣ, ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия 35 ҳазор нафар донишҷӯи тоҷик илм меомӯзанд. Онҳо ба ҳама имтиёзу шароити зарурӣ таъминанд. Донишҷӯён дар баробари омӯзиши илму дониши замонавӣ аз фарҳангу расму маросими халқҳои дигар маълумот пайдо менамоянд, ки барои боз ҳам таҳким бахшидани муносибатҳои дутарафаи давлатҳо мусоидат мекунанд.

Ректори Донишгоҳи IT шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Серик Омирбеков изҳор дошт, ки дар аҳди мо гирифтани маълумот басо зарур аст, хусусан, дар замони гуногунандешӣ (глобализатсия) ин раванд аҳамияти бештар пайдо кардааст. Ба гуфти ӯ, имрӯз Ҷумҳурии Қазоқистон дорои 125 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, низоми таҳсил дар шакли кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Минбаъд кушодани филиалҳо дар хориҷи мамлакат дар назар аст, зеро имрӯз як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷа хостори ҳамкорӣ бо донишгоҳи мо мебошанд.

Дар донишгоҳи номбурда аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 нафар ба таври ройгон таҳсил менамоянд. Онҳо дар хобгоҳи донишгоҳ зиндагӣ карда, аз пардохти ҷойи хоб озоданд. Номбурда аз ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни вазоратҳои маорифи ҳарду кишвар изҳори қаноатмандӣ намуд. Зикр шуд, ки минбаъд бояд ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ на танҳо пас аз солҳо, балки ҳар сари чанд вақт ҳамвора тариқи онлайни низ чунин ҳамоишҳоро баргузор кунанд, аз илму истеҳсолот, масъалаҳои муҳимми вобаста ба мактабу маориф, таҷрибаҳои хеш ба ҳамдигар иттилоъ дода, натиҷаҳои бадастомадаи корҳои илмиву тадқиқотии ҳамдигарро байни муассисаҳои тарафайн тарғиб ва паҳн намоянд.

Ирина Каримова, доктори илми педагогӣ, профессор, ҳамчун гардонандаи маҳфил зикр намуд, ки ҳамоиш дар таҳким бахшидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, истифодаи воситаҳои техникии муосир ва ба ин васила, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва табодули таҷриба такони ҷиддӣ мебахшад.

Воқеан, баргузор намудани ин гуна фестивал – намоишгоҳҳои байналмилалӣ ҳатман барои дастрасӣ ба натиҷаҳои нек дар роҳи инкишофи соҳаи маориф, сифати таҳсилот, аз бар намудани донишҳои навин, истифодаи мақсадноки воситаҳои техникии таълим, омӯхтани урфу одат, анъанаю расму русуми миллатҳои минтақа мусоидат менамояд.

Сипас кори «Якумин фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо баргузории мизи мудаввар дар мавзуи «Ҳамгиройӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ» идома ёфт. Дар кори он намояндагони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули назар карданд. Доир ба мавзуи матраҳ Вера Фалина - устоди Донишгоҳи давлатии энергетикии ба номи В. И. Ленини шаҳри Иванови ФР, Александр Тристанов - намояндаи Донишгоҳи давлатии техникии шаҳри Калинингради ФР, Павел Пазушкин - устоди Донишгоҳи давлатии техникии шаҳри Уляновскийи ФР, Светлана Горбунова - корманди Донишгоҳи давлатии илм ва технологияи ба номи М. Ф. Решетневаи Сибири шаҳри Красноярскийи ФР, Марк Андерсон - устоди Iowa State University (аз иолати Iowa) ва дигарон бо андешаҳои пурмуҳтаво ширкат намуданд. Аз ҷумла, С. Горбунова зикр кард, ки дар Осиёи Миёна Донишгоҳи илм ва технологияи ба номи М. Ф. Решетнева ҳамкориро аз ҳама бештар бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст. Айни замон дар ин донишгоҳ аз Тоҷикистон 242 нафар таҳсил намуда, бо тамоми шароит таъминанд. Мавсуф зикр кард, ки дар замони ҷаҳонишавии андешаҳо бояд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳар чи бештар муносибатҳои дӯстонаву ҳамкориҳои судманди эҷодиро ба роҳ монанд. Табодули андешаву афкор, омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, истифодаи техникаву технологияҳои замони муосир, аз худ кардани забонҳои давлатҳои олам ва монанди инҳо дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаву сеҷонибаи муассисаҳои таълимӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Вобаста ба ин, тағйир додани баъзе самтҳои макотиби олӣ, роҳ кушодан ба олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақаи Осиёи Марказӣ низ ба фоидаи кор аст. Олимони ҷавонро ба омӯзиши масъалаҳои обу иқлим, илм, варзиш, таърихи ниёгон ва таъриху тамаддуни мамлакатҳои ҳамсоя бояд ҷалб намуд.

Намоишгоҳе, ки дар бинои «ЭКСПО – Душанбе» ташкил гардид, бо вохӯрии масъулин бо хонандагони синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойтахт ва навоҳии гирду атрофи он, хонандагони литсейю коллеҷҳо, омӯзгорон ва падару модарони онҳо сурат гирифт. Хоҳишмандон барои идомаи таҳсил ин ё он муассисаи таҳсилоти олии касбиро интихоб кардаву аз шароиту тарзи таҳсил дар онҳо пурсон мешуданд.

Мо бо истифода аз фурсати муносиб бо чанд нафар иштирокчии «Якумин фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон – 2024» ҳамсуҳбат гардидем.

**Гулсим Маханова – муовини декан оид ба корҳои илмии Академияи авиатсияи шаҳрвандии шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон:**

- Дар муассисаи мо таълим бо се забон – қазоқӣ, русӣ ва англисӣ сурат мегирад. Мутахассисонро барои авиатсияи граждани, ҳамчун идоракунандагони тайёра ва чархбол, муҳандис – механик тайёр менамоем. Онҳо пас аз хатм соҳиби ихтисос гардида, диплом, сертификати дорои қурби байналмилалӣ мешаванд. Шогирдони мо дар фурудгоҳҳо кор карда, метавонанд тайёра ва чархболро идора намоянд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон шогирдони зиёде дорем, ки ҳоло дар фурудгоҳи марказии шаҳри Душанбе ҳамчун танзимгар, муҳандис ва идоракунандаи ҳавопаймоҳо фаъолият доранд. Айни замон 14 нафари дигар аз шумори донишҷӯёни тоҷик дар мо таҳсил мекунанд.

Муҳассилини хориҷиамон тавассути шартномаҳои байналмилалӣ (грантҳо) ба академия дохил мешаванд. Ҳар сол ба таври ройгон панҷ – шаш нафарро қабул мекунем. Агар бо баҳои хубу аъло таҳсил кунанд, идрорпулӣ низ мегиранд. Барои будубош дар хобгоҳ ҳамагӣ 25 фисади маблағи муайяншударо месупоранд. Идомаи таҳсил чор сол буда, шахсони хоҳишманд баъди хатми бакалавриат метавонанд таҳсилро дар зинаи магистратура ва докторантура идома диҳанд. Барои баргузории таҷрибаомӯзӣ шароити хуб дорем. Тайёраҳои «Боинг – 737» ва «РБАС» барои омӯхтани қисмҳои онҳо дар таҷрибаомӯзӣ истифода мешаванд.

Соли оянда муассисаи мо 30–сола мешавад. Тасмим гирифтаем, ки ин санаро бо иштироки васеи ҳамкорони хориҷиамон таҷлил намоем.

**Роман Ворошилин – директори Институти муҳандисӣ – технологии Донишгоҳи давлатии шаҳри Кемеровои ФР:**

- Чунин ҳамоишҳо танҳо ба фоидаи коранд. Табодули таҷриба, огоҳ шудан аз шароити кори якдигар, истифодаи усулҳои нави таълим, роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсил, аз ҳама муҳимаш, имзо гардидани созишномаҳои дарозмуҳлат – ин ҳама ба пешравии соҳаи маорифи кишварҳоямон мусоидат хоҳанд кард. Барои мо боиси ифтихор аст, ки ҷавонони тоҷик низ дар донишгоҳи мо таҳсил мекунанду хеле фаъоланд. Дар баргузории вохӯриву чорабиниҳои варзишиву фарҳангӣ, иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ ташаббус нишон медиҳанд. Агар хубу аъло хонанд, бо стипендия таъмин мегарданд. Онҳо ҳам таҳсил ва ҳам кор мекунанд. Нархи солонаи хобгоҳ ҳамагӣ ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аксари онҳо пас аз хатм дар шаҳри Кемерово монда, фаъолияташонро аз рӯйи ихтисос идома медиҳанд.

**Крис – муовини ректори «City University MaIaysia»:**

- Донишгоҳи мо дар маркази Малайзия - шаҳри Куала-Лумпур воқеъ аст. Аз давлатҳои зиёди олам – ҶХХ, ИМА, Африқо, Арабистони Саудӣ, Туркия, кишварҳои Осиёи Миёна ва ғайра донишҷӯ дорем. Теъдоди донишҷӯёнамон беш аз 7 ҳазор нафарро дар бар мегирад. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 50 нафар, бештар дар риштаҳои иқтисодӣ, техникӣ ба таври буҷавӣ ва шартномавӣ (дар бахшҳои бакалавр (4 сол), магистр (2 сол) ва доктор PhD (аз 3 то 4 сол) таҳсил мекунанд. Пеш аз бемории КОВИД – 19 аз Тоҷикистон солона беш аз 100 нафар қабул мегардиданд. Тайи ду – се соли охир теъдоди хоҳишмандон кам буд, акнун дар ду соли охир ин шумора меафзояд. Донишгоҳ таърихи беш аз 40–сола дошта, барои муҳассилин шароити хуб муҳайёст.

**Муҳаммад Маҳмадҷонзода – хонандаи синфи 11–и литсейи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе:**

- Омӯзгоронамон аз ташкили чунин як намоишгоҳ моро огоҳ карданд. Ба намоишгоҳ омада, бо намояндагонашон суҳбат оростем. Ба хулосае омадам, ки дар яке аз донишгоҳҳо таҳсилро давом диҳам. Забони англисиро чандон хуб надонам ҳам, як соли аввал ба омӯзиши забони англисӣ мепардозам. Мехоҳам, ки донишҷӯйи яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар шавам.

**Наталя Попова – котиби масъули комиссия, мудири шуъба оид ба таш-**

Дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода таҳти унвони «Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ» машғулият баргузор шуд.

**кили қабули довталабони Донишгоҳи федералии Кавкази шимолии шаҳри Ставропол:**

-Донишгоҳи мо таърихи қадима дорад. Он соли 1870 ташкил шудааст. Минбаъд соли 2012 онро дар пояи се донишгоҳ мутамарказ намудем. Ҳоло аз 25 ҳазор нафар донишҷӯй тақрибан 300 нафарашонро донишҷӯёни тоҷик ташкил додаанд. Онҳо бештар дар риштаи муҳандисӣ, илмҳои табиӣ – риёзӣ, аз ҷумла, химия, физика, математика таҳсил менамоянд. Ҳафтод фоизашон ба таври буҷавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Албатта, ҳама дар як сатҳ нестанд, вале онҳое, ки бо баҳои хубу аъло мехонанд, соҳиби стипендия низ мегарданд.

Онҳо моро бо ҷашнҳои миллӣ, анъана ва расму русуми мардуми тоҷик шинос менамоянд, ки ин бароямон хуш меояд. Рӯзҳои истироҳат барои фаъолон саёҳат ташкил карда, онҳоро ба таври ройгон ба тамошои ҷойҳои таърихӣ, аз ҷумла, ба соҳили Баҳри Сиёҳ, шаҳрҳои Санкт – Петербург, Калининград мебарем.

**Ирина Буртсева - мудири шуъба оид ба муҳассилини хориҷии Донишгоҳи технологии Россия:**

-Аз 28 ҳазор нафар донишҷӯй якуним ҳазор нафар хориҷиён, аз ҷумла, 200 нафарашон тоҷиконанд. Соли 2023 як нафар тоҷикписар - Равшан Норқулов «Донишҷӯйи хориҷии сол – 2023» эълон гардид. Дар умум, дар донишгоҳ аз 86 давлати дунё , аз ҷумла, аз Африқо, Амрикои Лотинӣ, Хитой таҳсил мекунанд. Донишҷӯёни тоҷик бештар ба биотехника, химия физика майл доранд. Корҳои таҷрибаомӯзиро низ хуб ба роҳ мондаем. 97 фисади хатмкардагон дар ду ҳафта ҷойи кор пайдо карда метавонанд.

**Ҷамшед Муҳиддинов – хатмкардаи литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе:**

- Соли 2018 литсейро хатм карда, даҳ нафар ба Донишгоҳи «Заим»-и Туркия дохил шудем. Се сол дар риштаи саноати хӯрокворӣ ба таври шартномавӣ таҳсил кардем. Ҳоло соҳибкорам ва корхонаи шахсӣ дорам. Айни замон он ҷо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 нафар таҳсил доранд. Бори аввал намояндаи донишгоҳ Меҳмет Саур аз Туркия омада, моро бо шароити донишгоҳ шиносонда буд. Акнун соҳиби маълумот ва касб шудам, ки аз ӯ миннатдорам.

**Гузел Ибрагимова – сардори шуъбаи байналмилалии Донишгоҳи илм ва технологияи шаҳри Уфа:**

-Донишгоҳи мо 47 ҳазор нафар донишҷӯй дорад. Аз ин се ҳазор нафарашро хориҷиён ташкил медиҳанд. Донишҷӯёни тоҷик 300 нафаранд. Онҳо бештар факултетҳои техникӣ, мошинсозӣ, химия, иқтисодӣ ва технологиро интихоб кардаанд. Бист корпуси таълимӣ, 18 хобгоҳ дар ихтиёри донишҷӯён аст. Бо ДМТ, ДДССТ, ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ шартномаҳои ҳамкорӣ бастаем.

Хотиррасон мекунем, ки «Якумин фестивал – намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон – 2024» аз 22 то 26-уми апрели соли ҷорӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд идома меёбад. Дар ин давра меҳмонон, ҳамчунин, ёдгориҳои таърихӣ, марказҳои маданӣ – маърифатии кишвари моро тамошо хоҳанд кард.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

ТАРБИЯ

# ҲИФЗИ ВАТАН ШАРАФ АСТ

Бузургтарин дороии инсон Ватан ва олитарин ҳисси ӯ ватандӯстӣ мебошад. Ватан обрӯю эҳтиром, шаъну шарафи ҳар шахс буда, онро парастидан ва баҳри ободиаш кӯшиш ба харҷ додан моҳияи ифтихор барои ҳар соҳибватан аст. Ватани мо – Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шумори зеботарину файзбортарин кишварҳои олам қарор дошта, барои мо модари ягона, пушту паноҳ ва мазраи нангу номус маҳсуб мешавад. Устод Лоиқ ба ин маънӣ гуфтааст:

**Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман**
**Модар яктост, Тоҷикистон яктост!**

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои мактаб он аст, ки шогирдонро дар руҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намояд. Хонандагони имрӯз ҳомиёну ободгарони фардои Ватан мебошанд. Онҳо бояд хуб эҳсос намоянду донанд, ки бузургтарин масъулият дар назди Ватан барои онҳо хидмат дар сафҳаи Қуввоҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ эътироф шудааст. Барои ин насли наврас аз ҳоло таҳсил дар таълимгоҳҳо бояд омода бошад. Тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзишу парвариш дар мактабҳост. Барои ин омӯзгорон, роҳбарони синф ва дигар шахсони масъул аз дарсҳо, маҳфилҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ бояд васеъ ва пурсамар истифода намоянд. Яке аз роҳҳои натиҷабахшии тарбия дар ин самт истифода аз адабиёти бадеӣ мебошад. Дар адабиёти тоҷик шеъру достон, ривояту ҳикоя ва қиссаҳои зиёде ҳастанд, ки дар онҳо далерию ҷасорат, ватандӯстию меҳанпарварӣ ва қаҳрамонию устуворӣ тавсифу ситоиш мешаванд. Устод Рӯдакӣ фармудааст:

**Андар балои сахт падид ояд**
**Фазлу бузургмардию солорӣ.**

Маънидоду тавсифи танҳо ҳамин як байти баландмазмуни Одамушшуаро метавонад дар тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии шогирдон таъсири хеле барҷаста гузорад. Дар ҳама ҳолат ва ҳамеша ба ҳифзи Ватан ва поси ҳар як ваҷаб марзи он бояд омода буд. Вақте ки кишвар ба хатарею таҳдиде аз ҷониби душманону нотавонбинон дучор меояд, пеш аз ҳама, ҷавонони ватандӯст садо баланд мекунанду ба ҳимояи мамлакат мешитобанд. Дар ин гуна ҳолатҳо фазилатҳои волои онҳо – далерию шуҷоатмандӣ, фидокорию ҷасуриашон бештар падидор ва ошкор мешавад.

«Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ саршор аз ғояҳои ватандӯстист. Саҳнаҳои майдондорию душманкӯбии диловарону паҳлавонон баҳри ҳифзи Ватан барои ҷавонон сабақи муассиру ҳикматбори меҳанпарастӣ мебошанд. Дар заминаи қитъаи зерин аз «Шоҳнома» метавон як дарси тарбиявии хеле судманду нақшгузор ташкил кард:

**Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,**
**Зану кӯдаки хурду пайванди хеш**
**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.**

Метавон «Шоҳнома»-ро ба сифати дастури ватандорӣ пазируфт. Аз ин асари бузург бояд ҳар як тоҷики асил огоҳ бошаду онро амиқ биомӯзад, такрор ба такрор варақ занад. Бо иқдоми беназири ватанпарваронаю манфиатбор ва сабақомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли равон «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо теъдоди зиёд чоп ва ба ҳар як хонадони мамлакат тақдим мешавад. Ин амали хирадмандона на танҳо дар тарбияи ватандӯстии насли наврас, балки барои «беш аз ҳарвақта» дӯст доштани марзу буми аҷдодӣ аз ҷониби тамоми сокинони кишвар муфид ва созгор хоҳад буд.

Хушбахтона, дар китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷик барои таҳвияти бахшӣ ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас маводи фаровон (ҳам ба назму ҳам ба наср) оварда шудааст. Омӯзгоронро мебояд, ки аз ин мавод ба таври шоиставу таъсиргузор истифода намоянд. Маъмулан, дар Рӯзи Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 феврал) ва Рӯзи Ғалаба (9 май) дар тамоми таълимгоҳҳои кишвар дарсҳои тарбиявии махсус, ҳамоишҳои тантанавӣ, мулоқотҳо бо аскарону афсарон баргузор карда мешаванд. Ҳар чи бештар пурмуҳтавою рангин ва ҷолиб созмон додани ин ҳама тадбирҳои идона нақши муҳим хоҳад гузошт дар тарбияи ҳарбию ватандӯстии хонандагон - ҳомиёни фардои Ватани маҳбуб.

*Майсара ҲАСАНОВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби №4-и ноҳияи Айнӣ*

ТАКМИЛИ ИХТИСОС

# РОҲҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ

Дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо иқдоми Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф конференсияи илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Такмили ихтисос ва роҳҳои инноватсионии рушди маҳорати касбии омӯзгорон» баргузор гардид. Ҳамоишро муовини ректори донишкада Сафарбек Собиров ифтитоҳ намуда, дар хусуси таҷдиди назар кардани муҳтавою ғояи машғулиятҳо, истифодаи роҳҳои инноватсионӣ ва дар умум, моҳият ва ба талаботи замон созгор будани сабку шеваҳои навини таълим ҳарф зад.

Сипас сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ Сироҷиддин Ниёзӣ дар бораи нақшу аҳамияти такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар беҳтару судманд гардидани сатҳу сифати таълим сухан ронда, дарёфт ва истифодаи роҳҳои инноватсиониро бо мақсади рушди маҳорати касбии омӯзгорон муҳим арзёбӣ намуд.

Сарходими илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа Муҳиба Маҳмадҷонова дар мавзуи «Таълими академӣ ва рушди илми тоҷик» сухан ронда, қайд кард, ки ташкил ва ба роҳ мондани тарзи нави таълим аз соли 2014 бо номи роҳҳои инноватсионии таълим дар ҷумҳурӣ ҷараён дорад. Ҳоло дар бахши магистратура ва доктор Phd муҳаққиқоне фаро гирифта шудаанд, ки (1200 нафар олими ҷавони синни то 35-сола) ба пажуҳиши илмҳои дақиқ, табиию риёзӣ, масъалаҳои экология, ҳифзи табиат ва об машғуланд.

Доктори илмҳои педагогика, устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ Бибиҳафиза Маҷидова дар маърӯзааш – «Методи лоиҳавӣ дар фаъолияти мураббияи муассисаҳои таълимии томактабӣ» чунин қайд кард:

- Тамоми методу усулҳое, ки дар зинаҳои таҳсилот ҳангоми баргузор намудани машғулиятҳо истифода мешаванд, ба синну соли хонандагон иртиботи зич доранд. Яке аз самтҳои такмили ихтисоси мураббиёни кӯдакистонҳо истифодаи методи лоиҳавӣ ба шумор меравад, ки дар асри XVI ба вуҷуд омадааст. Ғоя ва консепсияи аслии методи лоиҳавӣ омӯхтани тадқиқот, ки ба ҷустуҷӯ пардохтани кӯдак, интихоби роҳҳои гуногуни таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, баҳогузорӣ, фаъолияти бевосита (амалӣ)-и тарбиятгиранда нигаронида шудааст, маҳсуб меёбад.

Корманди лоиҳаи ЮСАИД Зикриё Раҷабов дар мавзуи «Вусъати омӯзишҳои фосилавӣ дар низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф (дар мисоли омӯзишҳои омехта) ҳарф зада афзуд:

- Чандест, ки ДҶТИБКСМ модел ё омӯзиши омехтаи таълимро дар ҳамкорӣ бо ЮСАИД таҳқиқ менамояд. Ба ин модел фаъолияти иттиҳодияҳои фаннӣ-методӣ, платформаҳои рақамӣ, дарс ва ғайра дохил мешаванд.

Мудири шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои химия Абдулло Орифов маърӯзаи худро ба масъалаи нақши омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон бахшида, гуфт:

- Ин омил дар дарёфти омӯзгорони пешқадаму варзида нақши калидӣ мебозад. Мутаассифона, дарёфт ва омӯзиши таҷрибаи намунавии педагогӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Таҷрибаи педагогӣ ба навоварии педагогӣ вобастагӣ дорад. Дар ин росто, бояд ғолибони минтақавӣ ва ҷумҳуриявии озмуни «Омӯзгори сол» дар марҳалаҳои гуногун барои омӯзонданиҳ таҷрибаю донишҳои худ ба шунавандагон ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии ДҶТИБКСМ ҷалб карда шаванд. Директори филиали ДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе Шавкат Каримзода дар мавзуи «Ташаккули саводнокии иттилоотии омӯзгорон дар низоми такмили ихтисос» сухан ронда, зикр намуд, ки саводнокии иттилоотии шахс якчанд омилро дар бар мегирад. Доштани савод оид ба иттилоот ва шаклу манбаъҳои он (китобҳои электронӣ, интернет…), коркард ва пешниҳоди иттилоот, қобилияти пешниҳоди иттилооти дурусту саҳеҳ, кор бо компютер ва истифодаи огоҳона аз интернет аз ин омилҳо ба шумор мераванд. Иттилоот абзор ё силоҳи калидии муборизаи кишварҳо дар самти муборизаҳои идеология мебошад.

Баъди нисфирӯзӣ кори конференсия дар ду бахш идома ёфт, ки дар онҳо даҳ маърӯзаи илмӣ шунида ва мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

**Дар шаҳри Гулистон даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» баргузор гардид.**

*Назди халқ чизе бештар аз некӣ қадр намешавад.* *Ситсерон*

«Омӯзгор» №17, 25 апрели соли 2024

НЕРУИ ПЕШБАР

# Дониши илмӣ ва сарнавишти инсонӣ

Ҳамасола 15 апрел дар сатҳи академӣ (манзур Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) доираҳои илмӣ ва ҳавзаҳои фаннии ҷумҳурӣ Рӯзи илм ботантана ҷашн гирифта мешавад. Ба ин мазмун, тайи як ҳафтаи ахир бо ҳузури фаъоли донишмандону пажуҳишгарони саршиноси ватанӣ дар марказу пажуҳишгоҳҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳафтаи илм баргузор гардида, 16 апрели соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маросими ҷамъбасти он сурат гирифт. Ба ин муносибат ишораи чанд нуктаро зарур мешуморем:

**Якум.** Ҳар қадар печидагию мураккабиҳои замони муосир зиёд мешаванд, ҳамон қадар зарурат ба дониши илмӣ меафзояд. Ҳар қадар хурофоту таассуб дар ҷомеа решадор мегардад, ҳамон қадар мушкилот меафзояд. Ин аст, ки фарогир шудани донишҳои илмӣ дар ҷомеа пешравию тараққиёту таҳаввулотро ба дунбол дорад ва баръакс, канор гирифтану дур шудан аз донишҳои илмӣ вопасгаройиву ақибмондагиро заминагузорӣ менамояд. Муҳимтар аз ҳама, он чи ки имрӯз ба сифати рушду тараққӣ ва таҷаддуду навигарӣ дар муҳитҳои ичтимоӣ ва умуман, дар сайёраи замин муаррифӣ мешавад, натиҷаи фаъолияти сермаҳсули олимону донишмандон аст. Танҳо дар дусад соли охир илму дониш босуръат пеш рафта, омили асосии рушду тавсеаи зиндагии инсонӣ гардид. Мусаллам аст, ки илму хирад натиҷаи фаъолиятҳои ақлонию зеҳнии башар буда, бо фаъол сохтану таҳрик бахшидани тафаккур инсоният ба дараҷаи камолоти зеҳнӣ ноил гардид. Дар натиҷаи фаъол шудани низоми мағзӣ инсон на танҳо дар пайи шинохти худ кӯшид, балки ҷаҳони перомуни худро низ маърифат намуд. Ҳанӯз Софокли юнонӣ гуфта буд: “Дар табиат неруҳои қавӣ зиёданд, вале аз инсон пуркудраттар касе ё чизе нест”. Албатта, ҳадафи Софокл инсони ҳушманд, оқил, донову огоҳ аст ва танҳо бо рӯйи даст гирифтани ибтикороти фикрию зеҳнӣ ва иродавӣ, ки дар қолаби илму хирад

инсиҷом меёбанд, инсон бар қувваҳои дигари табиӣ пирӯз мегардад. Аз ин ҷо даврабандии андеша ё ба истилоҳ, таърихи илми башарӣ шуруъ мешавад ва расидан ба дараҷаи баланди камолот инсониятро аз давраи шинохти инсону ҷомеаю сайёра то ба марҳалаи ниҳоии маърифати кайҳон ва муҳити фарозминӣ мерасонад. Ба ин марҳала расидан, ба қавли нависанда ва донишманди маъруфи англис Артур Кларк (1917-2008), тарҳи “Муколимаи Инсон ва Кайҳон”- ро кашидан тавассути илму дониш муяссар мегардад. Ба сухани дигар, илм метавонад гуфтугӯйи воқеии инсон ва кайҳонро дар садаи бисту як густариш бахшад ва бад-ин минвол инсониятро ба масири саодату хушбахтӣ роҳнамост.

**Дуюм.** Инсон ва ҷомеаи инсонӣ аз бомдоди вуҷуд то имрӯз пайваста бо хатарҳои гуногун мувоҷеҳ буду ҳаст ва чиҳати рафъи таҳдиду чолишҳо, ки на танҳо ӯро ба чоҳи ҳалокату нобудӣ кашидаву мекашанд, балки ҷисму руҳашро мавриди фишору азияти ҳамешагӣ қарор медиҳанд, тасмимоту ташаббусоти ҷиддӣ рӯйи даст гирифта, дар ин замина барномаҳои муассир тарҳрезӣ мекунад. Барномарезиҳои илмию фаннии инсонӣ ӯро дар баробари хатару мушкилоти рӯзафзуни табиию ғайритабиӣ осебнопазир сохта, масуният-иммунитети қавӣ мебахшанд. Аз ин ҷост, ки сарнавишти инсонӣ ва чигунагии он, қабл аз ҳама, ба илму хирад ва татбиқи назариёти илмӣ ва фалсафӣ дар зиндагии башарӣ бастагӣ дорад. Инсон ва дар маҷмуъ, ҷомеа ҳар қадар ба илму дониш мутамоил бошад, ҳамон қадар раванди беҳбудии зиндагӣ таҳкиму тақвият меёбад ва масири рушду инкишоф башарро дунболагирӣ мекунад. Ва баръакс, агар инсон (ва ҷомеа) аз илму хирад бипарҳезад ва ё ба забони бадеӣ, дар ҳавою навои созҳои илмҳои мурда рақсу бозӣ намояд, сарнавишти бад интизораш ҳаст.

**Сеюм.** Бо мақсади гиромӣ доштану густурдани илму дониш дар сатҳи давлат ва ҷомеаҳои мутамаддини ҷаҳонӣ Рӯзи илм мавриди таҷлил қарор мегирад. Дар ин рӯз ҷамоати олимон доир ба масоили муҳим ва рӯзмарра таваққуф намуда, миёни худ радду бадалҳои илмӣ ва ихтисосӣ анҷом медиҳанд ва ба ин васила, дар густариши дониш дар минтақа саҳм мегиранд. Чорабиниҳои марбути Рӯзи илм асосан аз қисмати ташкилӣ-амалӣ (аёдати олимони солманд, тақдими тухфаҳо, зиёрати марқади бузургони илми ватанӣ ва суханрониҳои муқаддимавӣ) ва бахши назариявӣ (баргузор намудани конференсияи илмӣ-назариявӣ дар толори Маҷлисгоҳи Академияи илмҳо) иборат аст.

**Чаҳорум.** Дастоварди аз ҳама арзишманди замони соҳибистиқлолӣ ба забони илм мубаддал гардидани забони давлатӣ (забони тоҷикӣ) мебошад. Имрӯз олимони соҳаҳои гуногун вобаста ба тадқиқоти худ озодона бо забони давлатӣ суҳбат мекунанд ва илми тоҷикро дар сатҳи ичтимоӣ таблиғу ташвиқ менамоянд. Эҳё гардидани сунату анъанаҳои миллӣ, арҷгузорӣ ба мероси пурғановати гузашта, гиромидошти таъриху фарҳанг ва дар ин замина, таҳкиму тақвият ёфтани раванди худогоҳию худшиносии миллӣ аз муваффақиятҳои даврони Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбанд.

**Панҷум.** Пайвасти мустақими илм бо истеҳсолот (назария бо амалия) ҳадафи асосӣ ва бунёдии ҳайати кормандони илмии муассисоти таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ба ин маънӣ, инкишофи илмҳои инсоншиносӣ, фанҳои дақиқу техникӣ, истифодаи технологияи пешрафта ва натиҷатан, баланд бардоштани тафаккури илмию техникии ҷомеа рисолати олимону донишмандони ватанӣ мебошад. Ба таври боистаю шоиста анҷом додани ин рисолат боиси таҳаввулоти амиқи фикрӣ, ахлоқӣ, ичтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ гардида, сарнавишти халқи тоҷикро ба самти хушбахтию саодат рақам мезанад.

***Нозим НУРЗОДА***
***пажуҳишгар***

ЁРӢ БА ДОВТАЛАБОН

# Қадами нахустин ва муҳим барои донишҷӯ шудан

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир роҳнамо ва амалиқунандаи орзуи довталабон барои соҳиб шудан ба унвони донишҷӯйӣ ва таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гардидааст.

Давраи бақайдгирӣ барои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҷараён дорад.

Бо дарназардошти муроҷиати довталабон номгӯйи як қатор чунин ихтисосҳоро пешниҳод месозем, ки ҳангоми интихоб довталабон (баъзан падару модарон ва бақайдгирандагон низ) ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, дар шарҳи он оҷиз мемонанд ва баъзан аз интихоби ихтисосҳои мазкур даст ҳам мекашанд. Масалан, дар шарҳи ихтисосҳои зерин: 137020201 – Вагонҳо, 1400301 - Зеҳни сунъӣ, 125011027 - Иқтисоди сабз, 126020323 – Логистика, 103030201 – Дефектология, 1030304 – Олигофрено-педагогика, 1030306 - Сурдопедагогика, 12301080203 - WEB-журналистика, 123011302 - Бойгонии аудиовизуалӣ, 1560102 - Кадастри замин, 175020103 – Дендрология, 2790135 - Кори тиббӣ-офиятӣ, 2790135 - Реабилитатсияи тиббӣ-ичтимоӣ ва ғайра.

Ихтисоси **“Вагонҳо”**. Мутахассиси ин касб фаъолияти ҳайати ҳаракати роҳи оҳанро ташкил мекунад, истифодаи бехатарии онро амалӣ менамояд, ҳуҷҷатҳои технологиро барои истеҳсол ва таъмири ҳайати ҳаракат таҳия менамояд. Инчунин, ба салоҳияти ӯ дохил мешавад: таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳакашии истеҳсол ва таъмиру навсозӣ ва тағйир додани ҳайати ҳаракаткунанда; назорати техникӣ ва идоракунии сифат.

**“Зеҳни сунъӣ”**. Як равияи илмиест, ки объекти он низомҳои интеллектуалии қарорқабулкунандаи равандҳо ва моделҳои расмии ин равандҳо мебошад. Мавзуи асосии равияи мазкур тартиб додан ва тадқиқоти моделҳо, воситаҳо ва усулҳои тарроҳии низомҳои зеҳнӣ мебошад.

**“Кадастри замин”**. Маҷмуи маълумот оид ба замин мебошад. Мутахассисони ихтисоси мазкур дар Кумитаи идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои маҳаллии вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак бо назардошти КВД “Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”, Институти лоиҳакашию тадқиқотӣ, Институти давлатии лоиҳакашӣ оид ба заминсозӣ - “Тоҷикзаминсоз”, инчунин, мутахассис дар соҳаҳои гуногуни сохтмон фаъолият карда метавонанд. Дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати кадастри замин таъсис дода шудааст, ки доираи фаъолияташ қабули маълумотҳо оид ба тағйирёбии ҳолати заминҳо буда, ба ҳолати 01.01 ҳар сол фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистонро тартиб дода, барои истифода ба мақомотҳои дахлдор равона менамояд.

**“Логистика”**. Яке аз ихтисосҳои муосир ва ояндадори асри ХХ1 ба шумор меравад. Хатмкунандагон баъди хатми донишгоҳ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда, ҳамчунин, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ба тахассуси дусоҳавии “Маркетолог-иқтисодчӣ” соҳиб мегарданд. Инҳо мутахассисони дорои таҳсилоти бакалавр мебошанд, ки дар соҳаи информатика, математика ва дониши касбӣ дар соҳаи иқтисодиёти бунёдӣ соҳиб мешаванд.

Хатмкунандагони ин ихтисос дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ-ичтимоӣ, аз он ҷумла, марказҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, таълимӣ ва дигар соҳаҳое, ки бо ҷараёнҳои моддӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотӣ сарукор доранд, фаъолият бурда метавонанд.

Вазифаи асосии омодасозии мутахассисон аз рӯйи равияи 450302 -**“Лингвистика”** ташаккули малакаҳои умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва тахассусие мебошад, ки барои анҷом додани фаъолияти касбӣ дар соҳаи забоншиносӣ, муошират байнизабонӣ, робитаҳои байнифарҳангӣ, лингвистикаи назариявӣ ва амалӣ ва технологияҳои нави иттилоотӣ зарур аст. Хатмкунандагони равияи “Лингвистика” барои фаъолият дар соҳаи забоншиносии дидактикӣ, тарҷумонӣ, машвараті-робитавӣ, илмию таҳқиқотӣ ва иттилоотию забоншиносӣ тайёр мешаванд. Фаъолияти асосӣ ба ду самт: кори илмию таҳқиқотӣ ва дар амал татбиқ намудани малакаи ҳосилшуда ҷудо мешавад.

**“Дефектология”.** “Дефектология” ихтисосе мебошад, ки ба омӯзиши қонуниятҳои таълиму тарбия ва хусусиятҳои психофизикии инкишофи кӯдаконе, ки нуқсонҳои руҳӣ (психикӣ) ва ҷисмонӣ доранд, нигаронда шудааст. Шахсоне, ки мутахассиси ин соҳа мегарданд, дар кӯдакистонҳо, муассисаҳои таълимии махсус ва муассисаҳои офиятбахш фаъолият мекунанд. Баъди хатм соҳиби касби дефектолог – омӯзгор мегарданд.

**“Олигофрено-педагогика”**. Ихтисоси мазкур дар муассисаҳои таълимӣ ҳам дар шуъбаи рӯзона ва ҳам таҳсилоти фосилавӣ тайёр карда мешавад. Хатмкунандагони ихтисоси номбурда баъд аз хатми донишгоҳ метавонад, ки дар муассисаҳои махсуси барои кӯдакони нуқсони зеҳнидошта, ҳамчун олигофрено-педагог фаъолият намоянд.

**“Сурдопедагогика”**. Хатмкунандагони ихтисоси номбурда баъд аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ соҳиби дипломи дараҷаи бакалаври педагогика гардида, метавонанд дар муассисаҳои махсуси барои кӯдакони нуқсони шунавоӣ ва забонидошта ҳамчун сурдопедагог ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун омӯзгор фаъолият намоянд. Илова бар ин, дар зинаи таҳсилоти магистратура ихтисоси «Сурдопедагогика» таъсис дода шудааст, ки хатмкунандагони ихтисоси мазкур метавонанд баъд аз хатми зинаи таҳсилоти бакалавриат таҳсилашонро дар ин зина давом диҳанд.

Хатмкунандагони ихтисоси **“WEB-журналистика”** дар васоити электронии ахбори омма (ВЭАО): интернет-рӯзнома, интернет-радио, интернет-телевизион, марказҳои иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои ҳамҷавори иттилоотиву иртиботӣ (нашриёт, ҳадамоти матбуотӣ, агентиҳои рекламавӣ ва PR - робита бо ҷомеа) фаъолият карда метавонад.

**«Бойгонии аудиовизуалӣ»**. Хатмкунандагони ихтисоси мазкур дар ҳамаи бойгониҳои давлатӣ, бойгониҳои идоравие, ки бо ҳуҷҷатҳои илмӣ-техникӣ, ҳуҷҷатҳои сурат, симо ва синамоӣ, дар бойгониҳои аудиовизуалӣ, бойгониҳои муассиса ва идораҳо, инчунин, дар воҳидҳои сохтории муассисаҳое, ки ба коркарди иттилоот, захира ва истифодаи он сару кор доранд, метавонанд фаъолият намоянд.

**“Дендрология”**. Ихтисос дар бораи омӯхтани дарахтон буда, маъноияш «дендрон» - дарахт ва «логос» - таълимот мебошад. Дендрология сохти берунии дарахтон, хусусияти сабзондану парвариш намудани онҳо, биология ва экология, инчунин, самтҳои гуногуни истифода бурдани ин ё он намуди дарахтонро меомӯзад. Маълумотҳои дендрологӣ имконият медиҳанд, ки вазифаҳои муҳимми хоҷагӣ оид ба беҳтар намудани таркиб ва баланд бардоштани самаранокии боғҳои фарҳангию истироҳатӣ, ҷангалҳои табиию сунъӣ, ташкил намудани хатти муҳофизатии ҷангал, мустаҳкам намудани нишебиҳои кӯҳӣ ва ғ. бо роҳи дуруст ҳалли худро ёбанд.

**“Кори тиббӣ-офиятӣ”**. Ба хатмкунандагони ихтисоси “Кори тиббӣ-офиятӣ” тахассуси “Ҳамшираи (бародари) тиббӣ доир ба варзиши муолиҷавӣ ва физиотерапия” дода мешавад. Чунин мутахассисон метавонанд дар муассисаҳои табобатӣ – пешгирикунанда, марказҳои саломатӣ, марказҳои гуногуни солимгардонӣ, барқарорсозӣ, офиятӣ, осоишгоҳҳо, сиҳатгоҳҳо, хонаи маъюбону пиронсолон, хонаи кӯдакон, муассисаҳои томактабӣ, инчунин, ба таври инфиродӣ мустақилона фаъолият намоянд.

***Мирзошариф ШОДИЕВ,***
***мушовири маъмурияти***
***Маркази миллии тестии назди***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***Аъҳлочии маорифи Тоҷикистон***

**Дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор гардид.**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷаҳрмаҳ** | тетрадь | *notebook [ˈnəʊtbʊk]* |
| **Ҷаҳҳ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Ҷаҳҳиҳ** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҷаҳҳуҳтоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Ҷаҳҳӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Ҷаҳам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ

## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



**Ш**

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætərˌdeɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [iːst]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [əˈʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [əˈgriːmənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city [ˈsɪtɪ] , town [taʊn]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen [ˈsɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion [ˈlaɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem [ˈpəʊɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔːθ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swiːt]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [glaːs]* |
| **Шоир** | поэт | *poet [ˈpəʊɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

**Э**

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution [ˈkɔːʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [niːd]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pəˈhæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪˈspekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪˈeɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration [ˈdekləˈreɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [əˈnaʊnsmənt]* |

**Я**

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [juːˈnaɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | *uniformly [junifɔːmli]* |
| **Якчанд** | несколько | *several [ˈsev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [təˈgeðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday [ˈsʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [aːmz], weapon [ˈwepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan [ˈɔːf(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [friːz]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪˈfrɪdʒəreɪtə], fridge [frɪdʒ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream [ˈaɪsˈkriːm]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳаҳрмаҳ** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Ҳаҳба** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Ҳаҳҳ** | конфета | *sweets [swiːts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Ҳарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈluːʃ(ə)n]* |
| **Ҳатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Ҳафас** | клетка | *cage [keɪʤ]* |
| **Ҳиматҳаҳо** | адвокатский | *yoluable [vɛ̃ljʊəbl]* |
| **Ҳолин** | ковер | *carpet [ˈkaːpɪt]* |
| **Ҳонуҳ** | закон | *law [lɔː]* |
| **Ҳошиҳ** | ложка | *spoon [spuːn]* |
| **Ҳуҷҷат, кувватҳахш** | сила, мощь | *power [ˈpaʊə]* |
| **Ҳуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

**Ҷ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷарер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ҷаҳҳиҳан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃɪvə] анекдот* |
| **Ҷатҳиҳа** | анекдот | *joke [ʤəʊk]* |
| **Ҷаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Ҷаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Ҷиҳос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Ҷиҳосдӯз** | шитье одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Ҷиҳоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Ҷиҳосбеҳак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈheŋə]* |
| **Ҷиҳа** | лыжи | *ski [skiː]* |
| **Ҷиҳапоҳӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈskiːɪŋ]* |
| **Ҷимӣ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Ҷола** | тюльпан | *tulip [ˈtuːlɪp]* |
| **Ҷуғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Ҷӯғӣ** | фасоль | *bean [biːn]* |

**М**

| | | |
|---|---|---|
| **Маводҳ** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [skuːl]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlen(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Мавзӯъ; мавзӯъ; мавзӯъ гузоштан; ба мавзӯъ расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnəʧə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu biː saɪnd]* |
| **Дуруст кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

**К**

| | | |
|---|---|---|
| **Мактаб** | великий | *great [greɪt]* |
| **Кабӯд** | синий | *blue [bluː]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪʤɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [kiː]* |
| **Калон** | большой | *big [bɪg], huge [hjuːʤ], large [laːʤ]; old [əʊld]; great [greɪt]* |
| **Канор, кунҷ** | край, угол | *edge [eʤ], border [ˈbɔːdər],corner [ˈkɔːnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sɪk], ill [ɪl]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Каҳ** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʃɔb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bʊk]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrərɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfɪs],institution [ˌɪnstɪˈtjuːʃn]* |
| **Кӯрта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜːt]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaɪld], kid [kɪd] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leɪk]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [help], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактаӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌgaːd (ə)n]* |

**К**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷаҳҳуҳтоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Ҷаҳҳӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Ҷаҳам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpiːp(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmiːtɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ruːm], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [ˈleɪbə],work [wɜːk]* |
| **Милliат** | нация, национа-лность | *nation [ˈneɪ(ə)n], nationality [neɪʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈriːdʒ(ə)n]* |
| **Молдаҳлон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, ворӯҳӣ** | встреча | *meeting [ˈmiːtɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmjuːnɪˈkeɪʃn]* |

**Н**

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)ʧaɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [njuː]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdjuːtɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔːlt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜːneɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜːsn]* |
| **Наш р** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ kiːp], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sɪt]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодурӯст** | неправильный | *false [fɔːls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намояндa** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

**О**

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔːtə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [stɑːt]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜːsn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜːtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌriːlekˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈleks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или развлечений | *place to rest or relax [pleɪs tu rest ɔː rɪˈleks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbiːdɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоот** | информаци-онный | *Informational [ɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃɪˈælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkjuːt], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪəʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, рамзиҳо** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈviːzə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt]:* |
| **Иҷозат, ҳуқуқдан** | разрешение, спросить | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑːsk pərˈmɪʃn]:* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pliːz]* |



| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈʃemɪnɪ]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meɪk ə fəʊn kɔːl], to call [tu kɔːl] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [hɑːm], damage [ˈdæmɪʤ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.)* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary [ˈnesəs(ə)rɪ], necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зиҳф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃɪz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜːb]* |

**З**



| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege [ˈprɪvɪlɪʤ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weɪʤ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[truːθ], reality [rɪˈælɪtɪ] true [tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔːl], everyone[ˈevrɪwʌn], everything [ˈevrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague [ˈkɔliːg], coworker [ˈkəʊˈwɜːkə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpəˈreɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəʊˈɔːdɪneɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[tə'geðə], travelling companion [ˈtrævɪ(ə)lɪŋkəmˈpænɪən]* |

**Ҷ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷӯб** | палка, древесина | *wood[wʊd]* |
| **Ҷӯпон** | пастух | *shepherd [ˈʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Ҷӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧɪk]* |

**Ҷ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer [ˈɑːnsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈruːlər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | *total [ˈtəʊtl]* |
| **Ҷамъият** | общество | *society [səˈsaɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔː]* |
| **Ҷануб** | юг | *South [sauθ]* |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director [ˈdepjutɪ d(a)ɪˈrektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔːtə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing [ˈfɔləʊɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪˈpʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔːn]* |
| **Ҷумъа** | пятница | *Friday [ˈfraɪdɪ]* |





***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ”-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавқу рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон такозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд** | *[ˈrenɪd]* | |
| **Ҷуҳтар** | ҷевочка | *girl[gɜ:l]* |
| **Ҷуҳт, рафиқ** | друт, товарищ | *friend[frend]* |

**Ё**

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜ:n]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture [ ˈmɒnjʊm(ə)nt ɒv ˈɑ:kɪˈtekʃə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [tuərˈmembə]* |
| **Ёҳлах** | одиннадцать | *eleven [ɪˈlev(ə)n]* |
| **Ёрам** | помощь | *help, [help] assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Ёриҳонида** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔ:gˈzɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[əˈsɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии тез ҳолӣ** | скорая помощь | *ambulance [ ˈæmbjʊl (ə)ns],emergency assistance [ɪˈmɜ:dʒ (ə)nsɪ] [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine [ ˈdʒezmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu fɑɪnd]* |

**Ж**

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | грал | *hail [heɪl]* |
| **Жола бориданӣ** | выпадение града | *hail fallout [heɪl ˈfɔ:lɑʊt] it is halloɡ* |
| **Ҷурнал** | журнал | *magazine [mɑɡəˈzɪn] journal[ˈdʒɜ:n(ə)l]* |

**З**

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, [ˈlæŋɡwɪdʒ] tonɡue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steɪt ˈlæŋɡwɪdʒ], official language [əˈfɪʃ(ə)l ˈlæŋɡwɪdʒ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu strɑɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ɡroundɡ [ɡraʊnd], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [tɑɪm], period, [ˈpɪ(ə)rɪəd], epoch [ ˈi:pɒk], era [ ˈɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [wɑɪf], womɑn [ ˈwʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female [ ˈfi:meɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ ˌkɑ:mpəˈtɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom [ ˈfri:dəm]* |
| **Оила** | семья | *family [ ˈfæmɪlɪ]* |
| **Ойна** | зеркало | *mirror [ ˈmɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜ:ld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen [ ˈkɪtʃɪn], nationɑl cafe [ ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]* |
| **Ошо** | друг, приятель | *friend [frend]* |

**П**

| | | |
|---|---|---|
| **Пагох** | завтра | *tomorrow[təˈmɒrəʊ]* |
| **Пагохӣ** | утро | *morning [ ˈmɔ:nɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father [ˈfɑ:ðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрить | *entertɑɪn [ ˌentəˈteɪn], to receive [tu: rɪˈsi:v]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers [ˈfɪŋɡəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton [ ˈkɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tu: mi:t]* |
| **Пешниҳоди кардан** | предложение, выдвижение | *suɡɡestion [səˈdʒestʃ(ə)n], proposd [prəˈpəʊz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead [ˈfɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fʊt], walk [wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion [ ˈʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃu:z]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪˈfektɪv],fruitful [ˈfru:tf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləʊs]* |

**Р**

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [dəˈrekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number [ ˈnʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [dɑ:ns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour [ˈkʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture [ ˈpɪktʃə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, идти | *to ɡo [ tu: ɡəʊ]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪˈheɪvɪə]* |
| **Рафтомад** | посещение, поездка | *visit [ ˈvɪzɪt]* |
| **Рахнамо** | руководство | *ɡuide [ɡaɪd]* |
| **Рохбар** | лидер, начальник | *leader [ˈli:də]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holidɑy [ˈhɔlɪdɪ], Vɑcation* |





**А**

| Точикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature [ˈlɪt(ə)rətʃə]* |
| **Адад** | число | *number [ˈnʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice [ˈdʒʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious [ˈpreʃəs], esteemed [ɪˈsti:md]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪnˈtelɪdʒ(ə)ns], intellect mind [ˈɪntɪlekt mɑɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire [ˈfɑɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [ɡrɑ:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɜ:b], fodder [ˈfɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier [ˈsəʊldʒə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [əˈrɑʊnd]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale [ˈfe(ə)rɪteɪl], story [ˈstɔ:rɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [nju:z]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals [ˈmɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population [ˈpɔpjuˈleɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [sɑɪn], mark [mɑ:k], omen, [ˈəʊmən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪˈkju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trəˈdɪʃn]* |

**Б**

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body [ˈbɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪkˈspreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party [ ˈpɑ:rtɪ], public reception associated with weddings [ˈpʌblɪk rɪˈsepʃ(ə)n əˈsəʊʃɪeɪtɪd wɪð ˈwedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international [ˈɪntəˈnæʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪˈtwi:n ˈsɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [rɑɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit [ˈegzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəʊ]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness [ ˈhæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forɡive[tu: fəˈɡɪv], let off [ ˈlet ˈɒf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜ:b]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think [ˈθɪŋk], opinion [əˈpɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport [ˈeəpɔ:t]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪˈpɑ:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

**Х**

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information[ˈɪnfəˈmeɪʃ(ə)n], news [nju:z]* |
| **Халқ** | народ | *people[ˈpi:p(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tu:bɑɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *ɡraduation [ˈɡrædʒuˈeɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to ɡraduate [tu ˈɡrædʒʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to ɡet up [ tu ɡet ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service [ˈsɜ:vɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [dri:m] sleep[sli:p]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent[ˈsɑɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[hɑʊs], home [həʊm], apartment [əˈpɑ:tmənt], room [ru(:)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tu: ri:d], to study [ tu: [ˈstʌdɪ]; to pray [ tu:preɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory [ˈmem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister [ˈsɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəʊld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome [ˈwelkəm]* |

**Ҳ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [pu:l], swimming pool[ˈswɪmɪŋpu:l]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[hɑʊs], ɡarden [ɡɑ:dn], yard[jɑ:d]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather[ˈweðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane [ˈe(ə)rəplem]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal [ˈænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument [ ˈmɑ:njʊmənt], statue[ˈstætʃu:]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pəˈpleksɪtɪ]; amazement [əˈmeɪzmənt], astonishment [əˈstɔnɪʃmənt], surprise [səˈprɑɪz]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Санъат** | искусство | *art [a:t]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Сару либос** | одежда | *clothes [kləuðz]* |
| **Сартарошхона** | парикмахерская | *barber ['ba:bə]* |
| **Сарҳад** | граница | *border ['bɔ:də]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peɪʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[klɑ:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kən'strʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулх** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaɪl]* |
| **Табиат** | природа | *nature ['neɪʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor ['dɔ:ktər], physician [fɪ'zɪʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kən'grəʧʊ'leɪʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ɪn'vaɪt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition ['repɪ'tɪʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ tur'pi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wɑ:ʃ],see [si:],spectacle ['spektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарҷумон** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ʌpbrɪŋɪŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[və'keɪʃ(ə)n]* |
| **Рӯй, рӯ** | лицо | *face [feɪs]* |
| **Рӯз** | день | *day [deɪ]* |
| **Рӯзи корӣ** | рабочий день | *working day ['wɜ:kɪŋdeɪ]* |
| **Рӯзнома** | дневник, газета | *school record book [sku:l 'rekɔ:dbʊk], newspaper ['nju:s'peɪpə]* |

**С**

| | | |
|---|---|---|
| **Савол** | вопрос | *question ['kwesʧ(ə)n]* |
| **Сайёҳ кардан** | путешествовать | *to travel [ tu 'trəv(ə)l]* |
| **Сайёх** | турист | *tourist ['tu(ə)rɪst]* |
| **Санҷиш** | тест | *quiz [kwɪz], test [test]* |
| **Санъат** | искусство | *art [a:t]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Саҳмия** | страница | *page [peɪʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[klɑ:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kən'strʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулх** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaɪl]* |
| **Табиат** | природа | *nature ['neɪʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor ['dɔ:ktər], physician [fɪ'zɪʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kən'grəʧʊ'leɪʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ɪn'vaɪt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition ['repɪ'tɪʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ tur'pi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wɑ:ʃ],see [si:],spectacle ['spektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарҷумон** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ʌpbrɪŋɪŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| **Тарҳон** | шея | *neck[nek]* |
| **Тарҳонбанд** | ожерелье | *necklace ['neklɪs]* |
| **Тарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔ:m]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гарм кардан** | топить (жаркий) | *burn [bɜ:n]* |
| **Гаҳвора** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Гардиш** | кругооборот | *circle ['sɜ:rkl], rotation [rəu'teɪʃ(ə)n]* |
| **Гардиш задан** | прогуливаться | *to go around [tu gəu ə'raund] a walk [wɔ:k]* |
| **Гаҳвора** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Лозим** | необходимый, нужный | *necessary ['nesəs(ə)rɪ],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut bʊk]* |
| **Деворо** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village ['vɪlɪʤ]* |
| **Диккат** | внимание | *attention [ə'tenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [hɑ:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday ['jestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, ['medɪs(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гардан** | шея | *neck[nek]* |
| **Гарданбанд** | ожерелье | *necklace ['neklɪs]* |
| **Гарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔ:m]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гарм кардан** | топить | *burn [bɜ:n]* |
| **Гаҳвора** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Гардиш** | кругооборот | *circle ['sɜ:rkl], rotation [rəu'teɪʃ(ə)n]* |
| **Гардиш задан** | прогуливаться | *to go around [tu gəu ə'raund] a walk [wɔ:k]* |
| **Гаҳвора** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Лозим** | необходимый, нужный | *necessary ['nesəs(ə)rɪ],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut bʊk]* |
| **Деворо** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village ['vɪlɪʤ]* |
| **Диккат** | внимание | *attention [ə'tenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [hɑ:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday ['jestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, ['medɪs(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гайриқонунӣ** | неофициальный | *unofficial ['ʌnə'fɪʃ(ə)l]* |
| **Ғарб** | запад | *west [west]* |
| **Ғижак (асбоби мусиқӣ)** | скрипка | *violin [ 'vaə'lɪn ]* |
| **Ғунҷидан (гунҷ)** | помещаться | *place [pleɪs], to contain [tu kən'teɪn]* |
| **Ғуббор** | пасмурный | *cloudy [kloudē]* |

**Д**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлат** | государство | *state [steɪt], country ['kʌntrɪ]* |
| **Давра** | круг, кругооборот | *circle ['sɜ:rkl], rotation [rəu'teɪʃ(ə)n]* |
| **Давр задан** | прогуливаться | *to go around [tu gəu ə'raund] a walk [wɔ:k]* |
| **Гаҳвора** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Лозим** | необходимый, нужный | *necessary ['nesəs(ə)rɪ],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut bʊk]* |
| **Деворо** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village ['vɪlɪʤ]* |
| **Диккат** | внимание | *attention [ə'tenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [hɑ:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday ['jestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, ['medɪs(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| **Бача** | ребёнок, мальчик | *child[ʧaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Бачагона** | детский | *childish [ 'ʧaɪldɪʃ], children's ['ʧildrənz], for a child [fɔ:(r) əʧaɪld]* |
| **Башардӯстона** | Гуманистический | *humanitarian [hju:'mænɪ'te(ə) rɪən]* |
| **Беморхона** | больница | *hospital ['hɔspɪtl]* |

**В**

| | | |
|---|---|---|
| **Вай** | он, она, оно, его, её | *he [hi:], she [ʃi:], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜ:]* |
| **Варақ** | лист | *leaf [li:f]* |
| **Варзиш** | спорт | *sport [spɔ:t]* |
| **Варзишгар** | спортсмен | *sportsman ['spɔ:tsmæn]* |
| **Васл** | связь | *relations [rɪ'leɪʃənz]* |
| **Ватан** | родина | *homeland ['həumlənd], motherland ['mʌðəlænd]* |
| **Ватанӣ** | отечественный | *domestic [də'mestɪk], native [ 'neɪtɪv], Patriotic [pætri'ɔtik]* |
| **Ваҳдат** | единство | *unity ['ju:nɪtɪ] reconciliation ['rekənsɪlɪ'eɪʃ(ə)n* |
| **Ваъда** | обещание | *promise ['prɔmɪs]* |
| **Вилоят** | область, край | *region ['ri:ʤ(ə)n], province ['prɔvɪns]* |
| **Вобаста** | зависимый | *dependent [dɪ'pendənt], related [rɪ'leɪtɪd]* |
| **Воқеа** | событие | *event, [ɪ'vent] incident ['ɪnsɪd(ə)nt]* |
| **Воқеъ будан** | быть расположенным | *to be located[tə'bi: [ləu'keɪtɪd] , to be situated [tə'bi: 'sɪtueɪtɪd]* |
| **Волидайн** | родители | *parents ['pe(ə)rənts]* |
| **Вохӯрдан** | встретить | *to meet with smb[tu mi:t wɪð smb]* |
| **Вохӯрӣ кардан** | встречаться | *to greet [tu gri:t], to shake hands [tu feɪk hændz]* |

**Г**

| | | |
|---|---|---|
| **Газета** | газета | *newspaper ['nju:s'peɪpə]* |
| **Галстук** | галстук | *tie [taɪ]* |
| **Гап задан** | разговаривать | *to speak [tu spi:k]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒʊˈkeɪʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeɪlz]* |
| **Тарчума** | перевод | *translation [træns'leɪʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies ['stʌdɪs],learning [ 'lɜ:rnɪŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu 'stʌdɪ]* |
| **Тачриба** | опыт | *experience [ɪk'spɪ(ə)rɪəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday ['hɔlɪdɪ], vacation [və'keɪʃ(ə)n](for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kli:n]* |

**У**

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [ə'pɔlədʒɪ], excuse [ɪk'skju:s]* |
| **Уқёнус** | океан | *ocean ['əuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences ['saɪəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laɪf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lɪv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ɪn 'ʤen(ə)rəl], overall ['əuvə'rɔ:l]* |
| **Умумӣ** | общий | *general['ʤen(ə)rəl], public ['pʌblɪk]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs ['kʌstəmz], habits ['hæbɪt]* |
| **Усто** | мастер | *master ['mɑ:stə], foreman ['fɔ:mən], skilled workman [skɪldwɜ:kmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop ['wɜ:kʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher ['ti:ʧə],mentor ['mentɔ:r]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady['stedɪ], firm[fɜ:m]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Уҳда** | объязательство | *duty ['dju:tɪ], responsibility [rɪ'spɔnsə'bɪlɪtɪ], task [tɑ:sk], job [ʤɔb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hi:], she [ʃi:]* |

**Ф**

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu 'ʌndə'stænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuɪk'splem]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [tə'mɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraɪ], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaɪld]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture ['kʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔ:]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season['si:z(ə)n]* |

БАРРАСӢ

# БАРНОМА: ВАЗЪИ КАБИНЕТУ ОЗМОИШГОҲҲО

Бо мақсади таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №114 дар бораи "Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" қарори раиси вилояти Суғд аз 12 майи соли 2021, №225 "Дар бораи тасдиқ намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи "Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" ба тасвиб расид, ки он иборат аз 9 банд аст.

Мутобиқ ба иҷрои барнома дар соли 2023 ва дар се моҳи аввали соли 2024 муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бояд бо 18 озмоишгоҳи биология, 53 кабинети физика, 80 кабинети химия, 86 кабинети биология, 127 кабинети география, 127 кабинети фанни математика, 64 кабинети фанни технологияи информатсионӣ, 118 кабинети фанни суруд ва мусиқӣ, ҷамъ 673 озмоишгоҳ ва кабинети фаннӣ таъмин гардонида мешуданд. Аммо муассисаҳои таълимии вилоят дар ин муддат бо 15 озмоишгоҳи биология, 70 кабинети фанни физика, 93 кабинети фанни химия, 100 кабинети фанни биология, 131 кабинети фанни география, 137 кабинети фанни математика, 66 кабинети фанни технологияи информатсионӣ, 126 кабинети фанни суруд ва мусиқӣ таъмин гардонида шуданд.

Рафти иҷрои барномаи мазкур дар шаҳру навоҳии Хуҷанд, Бӯстон, Деваштич, Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Тибқи нақшаи "Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" дар шаҳри Бӯстон соли 2023 муҷаҳҳаз намудани ҳафт адад кабинет, аз ҷумла, як озмоишгоҳи таълимии биология, як кабинети химия, ду синфхонаи фаннии география, ду кабинети математика, ду адад кабинети суруд ва мусиқӣ ба нақша гирифта шуда, дар умум, дар тули 5 сол таҷҳизонидани 3 адад озмоишгоҳ ва 41 адад кабинети фаннӣ дар назар аст.

Дар соли 2023 як озмоишгоҳ ва ҳафт адад кабинети фаннӣ, аз ҷумла, дар МТМУ №3 кабинети химия ва математика, МТМУ №4 кабинети география, МТМУ №10 кабинети математика, МТМУ №11 кабинети суруд ва мусиқӣ, гимназияи №1 кабинети суруд ва мусиқӣ, литсейи №1 озмоишгоҳи таълимии фанни биология, мактаби Президентӣ кабинети география пурра таҷҳизонида шуданд.

Маъмурияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 кабинети математикаро аз ҳисоби маблағҳои сарикасии муассиса ба маблаги 30000 сомонӣ муҷаҳҳаз намудааст. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва умумии №3, №4, №10, гимназияҳои №1 №2 ва литсейи №1, МТМУҒ «Ворисони илм», мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат синфхонаҳои ибтидоӣ бо таври замонавӣ таҷҳизонида шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр 664 адад компютер, 55 адад тахтаи электронӣ, 61 адад проектор ва 62 адад принтер мавҷуд буда, дар ҳолати корӣ қарор доранд ва омӯзгорон дар раванди таълим аз ин васоити техникӣ васеъ истифода мебаранд, Дар соли 2023 дар муассисаҳои таълимӣ 35 адад компютер харидорӣ карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар соли 2023, 3 адад кабинет, аз ҷумла, кабинети биологияи МТМУ №4, кабинети физикаи МТМУ №11 ва кабинети химияи литсейи №1 аз ҳисоби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизонида шудаанд.

Дар асоси талаботи барнома дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Деваштич бояд 3 озмоишгоҳи таълимӣ аз фанҳои физика, химия ва биология ва 160 адад кабинети фаннӣ, аз ҷумла, 5 кабинети физика, 6 кабинети химия, 7 кабинети биология, 45 кабинети география, 45 кабинети математика, 7 кабинети технологияи иттилоотӣ ва 45 кабинети суруд ва мусиқӣ дар муддати 5 сол ташкил карда шавад.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли таҳсили 2023-2024 дар ноҳия 77 муассисаи таълимӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 65 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 гимназия, 8 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 1 Маркази таҳсилоти иловагӣ ба шумор мераванд.

Соли 2024 дар асоси нақша дар муассисаҳои таълимии ноҳия бояд 31 адад кабинети фаннӣ, аз ҷумла, кабинети физика, кабинети химия, кабинети биология, 9 кабинети география, 9 кабинети математика, 1 кабинети технологияи иттилоотӣ ва 9 кабинети суруд ва мусиқӣ ташкил карда шавад. Дар ин самт корбарӣ идома дошта, то охири сол нақшаи соли 2024 низ ба пуррагӣ таъмин карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар оғози соли равон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизоти озмоишӣ аз фанни химия ба МТМУ №№6, 7, 14 ва фанни физика ба МТМУ №№1, 3, 20 дастрас карда шудааст.

Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳияи Ҷаббор Расулов кабинетҳои фанни физика, математика, химия, география, биология, технологияи иттилотӣ ва суруд ва мусиқӣ ташкил ва муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Дар асоси нақша баҳри амалӣ намудани иҷрои Барномаи давлатӣ бояд 29 адад кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ азнавсозӣ ва таҷҳизонида мешуд. Мутаассифона, нақша пурра иҷро нагардидааст. Сабаб ҷудо нашудани маблағҳои зарурӣ барои харидорӣ намудани кабинетҳои фаннӣ мебошад. Соли 2023 аз 29 адад кабинети фаннӣ, 15 адад кабинети фаннӣ таҷҳизонида шудаасту халос.

Соли 2023 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 адад кабинети фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ №№5, 8 ва 21 пурра таҷҳизонида шуданд.

Бо мақсади муҳайё намудани шароити мусоид барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар шаҳри Хуҷанд дар соли 2023 муҷаҳҳаз гардонидани 40 адад кабинети фаннӣ ва 1 озмоишгоҳ ба нақша гирифта, муҷаҳҳаз гардонида шуд, ки ин 100%-и иҷрои нақшаро ташкил медиҳад. Инчунин, харидории 201 адад компютер, 34 адад тахтаи электронӣ , 31 адад принтер, 41 адад проектор ба нақша гирифта шудааст. Ҷиҳати иҷрои "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" соли ҷорӣ аз тарафи муассисаҳои таълимӣ 11 адад компютер ва 1 адад тахтаи электронӣ харидорӣ шуд.

Тибқи талаботи "Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" дар муассисаҳои ҳудуди шаҳр бояд барои 3 адад озмоишгоҳ ва 202 адад кабинети фаннӣ дар муддати 5 сол таҷҳизоту маводи химиявию физикӣ харидорӣ ва таҷҳизонида шавад. Дар давоми солҳои 2022-2023 80 адад кабинети фаннӣ ва 2 адад озмоишгоҳ таҷҳизонида шудааст. Инчунин, соли 2024 40 адад кабинети фаннӣ дар муассисиҳои таълимӣ тибқи нақша бояд муҷаҳҳаз гардонида шаванд. Дар семоҳаи аввали соли равон 8 адад кабинети фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Таҳлили вазъи амалишавии "Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ" нишон дод, ки ҳарчанд корҳои зиёде дар ин самт иҷро гардида бошанд ҳам, вале рафти иҷрои он дар бархе аз шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташвишовар боқӣ мондааст.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***"Омӯзгор"***

# ТАТБИҚИ БАРНОМА ДАР КАДОМ САТҲ АСТ?

Муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ ба беҳтар гардидани сифати таҳсилот мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, дар ҷумҳурӣ "Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" қабул гардида, мавриди амал қарор дорад. Барои огоҳӣ аз вазъи иҷрои Барномаи мазкур дар вилояти Хатлон бо коршиносон, мутахассисон ва бархе аз омӯзгорон суҳбат оростем.

Тибқи иттилои сармутахассиси раёсати маорифи вилояти Хатлон Маъруф Абдуллоев, барои амалишавии "Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар соли 2022–юм 547 адад кабинети фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки 78 ададашро озмоишгоҳҳои таълимӣ дар бар мегиранд. Тибқи нақшаи Барнома, бояд дар вилоят дар соли 2023 822 адад кабинети фаннӣ ва 25 адад озмоишгоҳи таълимӣ ба истифода дода мешуд.

- Соли 2023 нақшаи иҷрои барнома оид ба муҷаҳҳазгардонии озмоишгоҳҳои фаннӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ беш аз 100 фоиз таъмин гардид. Дар аксар муассисаҳои таълимии ноҳия барои синфхонаи химия ва биология озмоишгоҳ ташкил карда шудааст, - гуфт мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳия Умаралӣ Маҳмадалиев. Мавсуф афзуд, ки таҷҳизонидани синфхонаҳои фаннӣ бо мусоидати Вазорати маориф ва илми кишвар, раиси вилояти Хатлон, мақомоти маҳаллӣ, соҳибкорони ватанӣ ва кумитаи падару модарони толибилмони муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки моҳи феврали соли 2024 аз тарафи Вазорати маориф ва илми кишвар барои 3 озмоишгоҳ таҷҳизот дастрас шуд. Ҳамзамон, аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи таълимӣ ба кабинетҳои фаннӣ таъмин гардид. Илова бар ин, дар моҳи марти соли ҷорӣ ба муассисаҳои таълимии №33, 2 ва 44 барои синфхонаҳои суруд ва мусиқӣ ашёи зарурӣ дастрас карда шуд. Ғайр аз ин, барои муассисаҳои таълимии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 18 адад тахтаи синфӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илм эҳдо гардид.

Умаралӣ Маҳмадалиев гуфт, ки дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ 81 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Яъне, соли 2023 ба ҷойи 37, 30 адад кабинети фаннӣ бо лавозимоти зарурии дарсӣ таъмин карда шуд. Аз ҷумла, ба фанҳои химия, физика ва биология 5 - ададӣ синфхонаи таълимӣ таҷҳизоти зарурӣ дастрас гардид. Барои фанҳои география 6 кабинет, математика 6, суруд ва мусиқӣ 3 кабинети фаннӣ бо лавозимоти таълимӣ ороста шуд.

Сармутахассиси бахши маорифи шаҳри Левакант Д. Сафар изҳор намуд, ки дар соли 2023 муҷаҳҳазгардонии озмоишгоҳҳо зиёда аз 100 фоиз таъмин шудааст. Дар муассисаҳои таълимӣ муҷаҳҳаз намудани кабинетҳои фаннии физика, химия, биология, география, математика, технологияи информатсионӣ, суруд ва мусиқӣ 170 фоиз таъмин шудааст. Масалан, нақшаи таъмини кабинетҳои фаннӣ 17 ададро дар бар мегирифт, ки 29 ададро ташкил дод. Яъне 12 адад кабинети фаннӣ аз нақшаи пешбинишуда барзиёд таъмин гардид. Дар соли 2024 муҷаҳҳазгардонии озмоишгоҳҳо ва кабинети фаннӣ мувофиқи матлаб рафта истодааст.

Дар ноҳияи Ёвон, бо вуҷуди он ки нақшаи муҷаҳҳазгардонии озмоишгоҳҳо барзиёд таъмин шуд, таъмини кабинетҳои фаннӣ бо лавозимоти таълимӣ 70 фоиз иҷро гардид. Яъне, аз рӯйи нақша 44 адад кабинети фаннӣ пешбинишуда буд, аммо дар соли 2023–юм 31 адад кабинети фанниро бо лавозимот таъмин карда тавонистанд, ки нокифоя мебошад.

Бино ба таъкиди Маъруф Абдуллоев, вобаста ба иҷрои "Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" корбарӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шудааст. Соли 2023 бо кумаки вазири маориф ва илми кишвар ва раиси вилояти Хатлон, инчунин, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таъмин намудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо бо ашёи даркорӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Масъулон ҳамарӯза бо истифода аз имконияти мавҷуда дар ин росто талош намуда истодаанд. Барои дар сатҳи лозима ба роҳ мондани иҷроиши барнома давоми соли 2024 тадбирҳои муҳим роҳандозӣ гардида истодаанд. Ин аст, ки нисбат ба солҳои аввал дар иҷрои Барнома беҳбудӣ ба мушоҳида мерасад.

***С. АЗИЗӢ,***
***"Омӯзгор"***

**Ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилояти Хатлон 2762 биною иншоот мавриди истифода қарор гирифтааст.**

*Имрӯз аз он бояд гуфт, ки ба дарди имрӯз мехӯрад.*
*Горатсий*

«Омӯзгор» №17, 25 апрели соли 2024

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

# Таърихи алгебра ҷолиб аст



Таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандаро бо асосҳои илмҳои гуногун мусаллаҳ мекунад, ӯро ба идомаи омӯзиш, интихоби дурусти роҳи оянда ва ба ҳаёти фаъолона омода менамояд. Дар мактаб вобаста ба барномаи таълимӣ фанҳои гуногун омӯхта мешаванд ва ҳамаи онҳо барои ташаккули ҳаматарафаи хонанда нақши муассир мегузоранд. Ҳамаи фанҳо барои ояндаи хонанда корагар мебошанд ва барои зиндагии муваффақона, барои аз ғалатҳо эмин будану ба комёбиҳо расидан ба ӯ мадад мерасонанд. Чунончи, фанни забони модарӣ ба хонанда ёрӣ мерасонад, ки фикрашро зуд ва саҳеҳу беғалат иброз дорад, дар навишт ба хатоҳо роҳ надиҳад. Фанни биология мусоидатгар мешавад, то хонанда муҳити зист ва мавҷудоти табиатро хуб сарфаҳм раваду дуруст рафтор намояд. Фанни физика, пеш аз ҳама, барои бо технологияҳои муосир муваффақона корбарӣ кардан хонандаро раҳнамост.

Дар ин миён фанни алгебра низ дар ҳаёту фаъолияти хонандагон –шаҳрвандони мустақили оянда нақши барҷаста ва хеле муҳим мебозад. Алгебраро «шоҳи фанҳо» номидаанд ва ин бесабаб нест. Ба ин фан дар ҳар лаҳзаю ҳар соати зиндагӣ одамон эҳтиёҷ пайдо мекунанд, бидуни донистани асосҳои он дар ҳалли бисёр мушкилоти зиндагӣ оҷиз мемонанд. Алгебра аз қадимтарин фанҳо дар ҷаҳон эътироф шудааст, зеро одам аз нахустмарҳалаи арзи ҳастӣ карданаш (аз аҳди бостон) ба ҳисоб эҳтиёҷ пайдо намудааст. Барои ҳар чи бештар ҷалб ва ҳавасманд намудани хонандагон ба омӯзиши алгебра бояд аз василаҳои гуногун истифода кард. Дар ин росто, ба онҳо маълумот ироа кардан оид ба таърихи алгебра ва намояндагони барҷастаи ин фан амали хеле муфид ва ҷолиб хоҳад буд. Дар китобҳои дарсӣ аз ин хусус маълумоти фишурда оварда шудааст ва омӯзгорро мебояд, ки вобаста ба адабиёти илова ва маъхазҳои илмӣ ин маълумотро комилтар сохта, ба шогирдон ҳикояти ҷолиб пешкаш намояд.

Таърихи алгебра бо илми математика пайвандӣ дорад, аниқтараш, алгебра аз қадимтарин қисми таркибии математика маҳсуб мешавад. Алгебра, ончунонки маъмул аст, маҷмуъҳои элементҳояшон дилхоҳро, ки дар онҳо амалҳои алгебравӣ ичро мешаванд, меомӯзад ва ҳамчунин, гурӯҳ, ҳалқа, майдон ва структураю муодилаҳо мавзуи таҳқиқоти алгебра мебошанд. Ба таъкиди муҳаққиқон, алгебра дар заминаи талаботи амалии ҷомеа ва дар натиҷаи ҷустуҷӯи тарзҳои умумии ҳалли масъалаҳои арифметика ба вуҷуд омадааст. Дар ташаккули илми алгебра бобулиёни қадим ва уламои Юнони бостон хидмати шоиста кардаанд. Чунончи, бобулиёни қадим муодилаҳои дараҷаи якумро ҳал карда метавонистанд, аммо аломату ишоратҳои математикии онҳо нокомил буд.

Диофан, яке аз асосгузорони фанни алгебра, олими риёзидони аҳди бостони Юнон, аввалин аломатҳои ҳарфиро барои ифодаи номаълумиҳои муодила истифода бурдааст. Ин риёзидони варзида муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюмро ҳал ва муодилаҳои номуайянро тадқиқ кард, ки дар илми муосири алгебра бо номи «Муодилаҳои Диофант» маъмул мебошад. Боиси ифтихори мост, ки дар инкишофу такомули илми алгебра ниёгони мо - олимони мумтози Осиёи Миёна низ ҳиссаи сазовор гузоштаанд. Алломаи Машриқзамин Муҳаммад Хоразмӣ дар таърихи рушди илми алгебра хидмати мондагор кардааст. Ӯ дар «Ал-ҷабр ва-л-муқобала» ном рисолаи бунёдиаш бори нахуст дар таърихи алгебра тарзи ҳалли муодилаҳои квадратиро бо коэффитсиентҳои ададӣ нишон додааст. Ба таъкиди олимони соҳа, истилоҳи «алгебра» дар робита ба тарҷумаи ибораи «ал-ҷабр» аз ҳамин китоби Хоразмӣ ба забони юнонӣ ба миён омадаву машҳуру оммавӣ гардидааст. Пас аз ин алгебра ҳамчун фанни мустақил эътироф шуду зуд густариш ёфт. Олими дигари тоҷик Абулвафои Бузҷонӣ низ дар инкишофи илми алгебра нақши шоиста гузоштааст. Ӯ усулҳои аз решаҳои дараҷаи 3, 4 ва 5-ум баровардани ададҳоро коркард ва собит намудааст. Назарияҳои ин риёзидони маъруфи тоҷик имрӯз ҳам дар мактабҳои олии улуми дақиқ ба таври васеъ омӯхта мешаванд.

Дар таърихи илми алгебра номи олим, мутафаккир, риёзидон ва шоири тавонои тоҷик Умари Хайём маъруф аст. Ин алломаи беназир дар қатори дигар китобу рисолаҳои барҷаставу муҳтавомандаш рисолае бо номи «Фӣ-л-бароҳин ило масоил-ил-ҷабр ва–л-муқобала» навиштааст, ки ум-датарин масъалаҳои илми алгебраро фаро мегираду тавзеҳ мебахшад. Дар ин рисола на танҳо ҳалли муодилаҳои дараҷаи якум ва дуюм, балки усулҳои нави ҳалли геометрияви муодилаҳои дараҷаи сеюм овардаву шарху тафсир бахшида шудааст. Кашфи биноми ададҳои бутун дар илми алгебра (ҳисоб) бо номи Умари Хайём пайванд мебошад. Дар рушду такомули илми алгебра, ҳамчунин, олимони дигари тоҷик Ҷамшеди Кошонӣ, Алоуддини Қӯшчӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ… дар сатҳи ҷаҳонӣ хидмати беназир кардаанд…

Олимони муосири риёзидони тоҷик анъанаҳои ниёгони баруманди хешро сарбаландона идома бахшида, барои боз ҳам такомул бахшидан ба омӯзишу таҳқиқ ва баррасии илми алгебра пайваста ҷидду ҷаҳд мекунанд. Дар диёри маҳбуби мо бо ибтикори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ба ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҳамагон ба омӯзиши фанҳои мазкур, аз ҷумла, алгебра ва ривоҷи таҳқиқу баррасии улуми дақиқ мусоидат кард…

Бовар дорем, ки нақли таъсиргузору рангину ҷолиб аз хусуси таърихи илми алгебра ба шогирдон боз як омили пурсамари афзудани иштиёқмандии онҳо ба омӯзиши ин фанни муҳим ва манфиатбор хоҳад шуд.

***Мадина НАЗАРОВА,***
***магистранти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

ИНСОН ВА ҶОМЕА

# Маърифати муошират

Муошират рафтори кас дар ҷамъият ва муносибат бо атрофиён аст. Ин амал ҳам қулф ва ҳам калиди кулли муаммоҳост. Ширингуфторӣ, муомилаи гарму самимӣ ба ҳар як инсон, новобаста ба ирқу нажод, дину мазҳаб ва мақому мансабаш, обрӯю маҳбубият мебахшад. Баръакс, тундгӯию тундрӯйӣ, ҷаҳлу ситеза, такаббуру бузургманишӣ боиси заъфи обрӯ, осеби мақому мартаба ва сабаби ҷанҷолу дилсардиҳо мегардад.

Дар қиссаю ривоёти қадим, шеъру достонҳои адабиёти шифоҳӣ, классикӣ ва муосири миллати мо забонро, хосатан лафзро, унсури аз ҳама ширин ва дар навбати худ, унсури аз ҳама тунду талху шӯр гуфтаанд. Аз ҳамин ҷо беҳуда намегӯянд, ки «беморро нахустин дору ин сухани гуворои табиб аст». Агар он ширину гуворост, ҳоли мариз рӯ ба беҳбудӣ меорад, вале агар он даҳалу гӯшхарошу синагудоз аст, маризи бечора дасти умед аз зиндагӣ мешӯяд.

Дар байни мардуми мо аз азал мақоми маъмуле ҳаст, ки дар бисёр маврид мегӯянд: «Захми табару тиру теғ шифо меёбаду захми забон умре мудавво намешавад». Бале, ин қазияест, ки қотеан ба исбот ниёз надорад. Гузаштагони мо дар бораи нақши забон дар танзими оила, ҷомеа ва зарурати омӯхтани маърифати муошират фармудаанд:

**Шунидам, ки бошад забони сухан**
**Чу шамшери бурроню теғи куҳан.**
**Сухан бифканад минбару дорро,**
**Зи сӯрох бурун кашад морро.**

Забони тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ миёни забонҳои мухталифи олам ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Бо ин забон офарида шудани дурдонаҳои беҳтарину қиматтарини илму адабиёт ва фарҳангро бузургони мо ба шакар, ноб, ангубин ташбеҳ додаанд.

Дуруст аст, ки ҳеҷ як миллат дар бозори дунё колои худро касод муаррифӣ намекунад. Ба ҳамаи халқияти хурду бузург расму оин, ҷашну анъана, забону адабиёт ва фарҳангаш азизу муқаддасу беҳтарин аст. Вале таърихи миллати тамаддунофари мо гувоҳ аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимӣ, бой, хушоҳанг ва ширин дар байни забонҳост.

Зебою шевою гуворо ва ширину нишонрас гардонидани забон масъулияти аслии соҳибзабонҳост. Ҳифзи забони адабӣ, пос доштани санъатҳои бадеии он, маҳлут насохтанаш бо забони гуфтугӯӣ ва шеваю лаҳҷаҳо фидокорию заҳмати зиёд мехоҳад. Риояи сарҳади онҳо салосату фасоҳати забонро афзун мегардонад. Дар саҳифаҳои сомонаҳои интернетӣ ҳангоми навиштани матн, шарҳу паёмакҳо ба тозагии забон ва талаботи забони адабии ҳозираи тоҷик эҳтиром гузоштан айни савоб аст. Истифодаи ифодаҳо дурушт, вайрон, маҳаллӣ, ғайриахлоқӣ шабеҳи мақоли халқии «пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад» аст.

Ба мушоҳида мерасад, ки имрӯзҳо бисёр калимаҳои услуби гуфтугӯӣ ва вожаҳои лаҳҷаю шевагӣ, хусусан, иқтибосию вайроншуда аз қабили «йигит, чӯра, хой, дугон, карюфен, братан, братишка, саґера, ҳазрат, ойим, чурук, қайнато, қайсингул, қайнӣ, малим, момашка, пахан, бобӣ, мома, таґа, тґойӣ, амакӣ, айя, ояча, айяя» марзи худро рахна карда, қасди оммавӣ шудан доранду зиёда аз ин, ба ҳусни забони адабӣ латма ворид кардаанд. Аз худи таркиби вайроншуда ва дуруштии талаффузашон маълум, ки ин вожаҳо ба ҷуз коста гардонидани назокату латофати забон ва маърифати муошират ба дарде намехӯранд.

Маърифати муоширату гуфтор дар шумори маърифати пӯшидани либос ва истеъмоли хӯрок аз бузургтарин фазилатҳои инсони соҳибтафаккур аст. Миллати куҳанбунёдем. Аз маҳ то ба моҳию, аз самак то ба само калиди кашфи даҳр дар дасти мост. Ба ҳамагон шаҳрсозию шаҳрдорӣ, китобдорию китобхонӣ, бозордорию бозаргонӣ омӯхтаем. Аммо, ҳазор таассуф, ки дар нуктае сахт мелангем. Маърифати муоширати мо таґйиру таъмиру тармим мехоҳад. Чун тарошаи аз бом афтода, даґалгуфторию ҷаҳлу ситеза ва муомилаи сард одати ҳамагон гардидааст. Чаро дар баъзе миллату халқиятҳое, ки хеле дер аз мо дар арсаи олам зуҳур намудаанд, алифи муошират мавҷуд аст. Вожаҳои «оґо, хонум, ҷаноб, хонум-биёдар, рафиқ, мистер, миссис, пан, қурбон, мадам» ва ґайра сарҳатти муоширати онҳост. Ин вожаҳо дар назари баъзеҳо гӯё чизе нест, вале чун бо тафаккури солим ба онҳо назар месозед, онҳо ба муҳити муошират шукӯҳ, салобат, гармӣ, нармӣ ва меҳрубонӣ мебахшанд. Барои ҳамин бузургтарин суханони Зардушт дар китоби «Авесто» - «гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек» аст.

Оґоз аз солҳои нахустини истиқлол дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, касбию олии кишвар фанҳои «Иқтисодиёти бозоргонӣ», «Асосҳои иқтисодиёт», «Ҳуқуқи инсон» ва «Маърифати оиладорӣ» ҷорӣ гардиду то имрӯз ин фанҳо мавҷуданд. Дар улуми иқтисод мафҳумҳое бо номи «базис» ва «надстройка» мавҷуд аст. Хоҳем, ки иқтисодиёти бозоргонӣ таҳкиму рушд намояд, ҳар як фарди тоҷик бояд маърифати баланди ҳуқуқӣ дошта бошад, оилаҳои ҷавон аз ҷаҳлу зӯрӣ, бетаҷрибагӣ ва бадрафторию бадгуфторӣ вайрон нашаванд. Вақти он аст, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти ватанӣ - аз кӯдакистон сар карда, то макотиби олӣ фанни «Маърифати муошират» ҷорӣ карда шавад. Ҷорӣ намудани ин фан имкон медиҳад, ки аз оила то муассисаю мақомот ва идораҳои хурду бузург маърифати муносибатро нисбат ба фарзанд, падару модар, зану шавҳар, коргару корфармо, тобеву зердаст, устоду шогирд, табибу бемор, гунаҳгору бегуноҳ, мусофиру ронианда, хешу бегона ва билохира ҳамзабону ҳамватан ба танзим дарорем. Меҳрубонию муносибати самимӣ, зиёдаравӣ накардан, ҳунари гӯш карда тавонистан, истеъдоди дар шаби торик ламъае нур пайдо кардан ҳунари волосту маҳаки пайдо намудани ҳақиқат аст.

Ин тадбир гиреҳи ҳазорон мушкилоти зиндагии моро во менамояд. Якум, ба тозагию асолати забон таъсири мусбат мерасонад. Дуюм, муносибатҳои ҷамъиятиро ба эътидол оварда, ахиран, дар ҷомеа муҳити меҳрубонӣ, бовар ва садоқатро ба вуҷуд меорад…

***Исматуллоҳи АБДУЛЛОҲ.***
***директори МТМУ №25-и шаҳри Исфара, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон***

**ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода бо 4 муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамкорӣ дорад.**

БА ОЗМУНИ «ОМӮЗГОРИ МАН - ИФТИХОРИ МАН»

# Аз Саидов то Бухориев

Таъсисёбии аввалин сохторҳои давлати Шуравӣ, туману волостҳо, ревкомҳо ба солҳои 20–уми асри XX рост меояд. Яке аз муборизони роҳи адолат, озодӣ ва баробарҳуқуқӣ сокини деҳаи Чашмасори ноҳияи Муъминобод Саидҷон Назаров буд. Ӯ дар муборизаи зидди сохти шоҳию амирӣ обутоб ёфта, ба камол расид. С. Назаров аз ҳамсафони Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур буда, то ба раисии кумитаи револютсионӣ - ревкомии ноҳияи Муъминобод, шаҳри Кӯлоб расидааст. Бо ҳамсараш апаи Давлатбӣ фарзандони солеҳеро ба камол расонданд, ки аз ҳама бузургсоли онҳо Озод ном дошт. Ӯ нахустин маълумоти олидори водии Кӯлоб шуду беш аз 50 сол чун котиби якуми кумитаи комсомолии ноҳияи Муъминобод, мудири маорифи шаҳри Кӯлоб, омӯзгор, директори Донишкадаи такмили ихтисос, директори мактаб, директори бойгонии давлатии вилояти Кӯлоб фаъолияти арзишманде дошт. Имрӯзҳо касби пурифтихори омӯзгории ӯро беш аз 30 нафар фарзанду набераю абераaш идома медиҳанд.

Яке аз онҳо Тоҷиддин Бухориев ном дошта, дар оилаи раиси колхози овозадори ба номи Сталин, деҳаи Чашмасор Бозор Бухориев, ки зиёда аз 35 сол раисӣ карду аз Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи ИҶШС як медали тилло, як нуқра, ду автомашинаи боркаш туҳфа гирифт, ба камол расид. Соҳиби 4 медали давлатӣ, 2 Ифтихорномаи Фахрии Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон шуд, аз ҳисоби колхозаш ба фронтҳо зиёда аз 2 миллион сӯми нақд ва озуқаю либосворӣ равон кард. Мактаби сохтаи раиси Бозор, ки 97 сол дорад, имрӯз ҳам побарҷост. Ана, дар ҳамин мактаби сохтаи падар Тоҷиддин беш аз 8 сол роҳбарӣ кард. Ӯ ба ин зинаи устодӣ пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб расид. Сараввал ӯро муаллими синфҳои ибтидоӣ таъйин карданд. Дар 9 соли кориаш худро чун мактабшинос, кордон, ташкилотчӣ нишон дод. 14 сол иҷрои вазифаи мудири қисми тарбиявӣ, 11 сол иҷрои вазифаи ҷонишинии аввали директорро ба зиммааш гузоштанд.

Имрӯз аз он ифтихор дорад, ки ягон кас мисли ӯ шогирдони зиёд надорад: 2200 нафаранд онҳо. Дар 54 соли муаллимиаш ҳамин қадар толибилмро ба роҳи рост, касбомӯзӣ, хизмат ба ин диёру ин мардум ҳидояту раҳнамоӣ кардааст. Онҳо мудом аз ҳолу аҳволи устоди мушфиқ, меҳрубон ва сахтгирашон хабар гирифта меистанд. 200 нафари онҳо, аз ҷумла, ҷиянҳояш Давлат, Лутфия, Неъмат, Қадриддин аз пайи касби устодашон роҳ паймудаанд.

- Соли 2007 буд, бинои мактаб дар ҳолати садамавӣ қарор дошт. Бо пофишориҳои Зариф Шарифов, Одина Ҳаётов, раиси вақти ноҳияи Муъминобод Пирмадхон Зарифов тарҳу хароҷоти бинои сеошёнаи мактаби замонавиро омода намудем. Соли 2015 ба сохтмони он шуруъ ва соли дигараш онро ба истифода доданд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми кушодашавии бинои ин таълимгоҳи замонавӣ ширкат доштанд. Ҳоло дар он 577 нафар таҳсил доранд, 85 фисади онҳо бо баҳои хубу аъло меҳонанд. Ба онҳо 42 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд, ки ҳамаашон шогирдони мананд, - нақл мекунад Тоҷиддин Бухориев.

Дар ин лаҳзаҳо аз чашмони ӯ ашк ҷорӣ шуд. Ашки шодӣ, шукргузорӣ, ки пас аз бунёди мактаби 97-сола боз ба ӯ муяссар гардид, ки дар сохтмони таълимгоҳи нав саҳм гузорад. Ӯ дорандаи нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», садҳо ифтхорнома, сипосномаю дипломҳост. Вале аз ҳама чизи қимат барояш ҳурмату эҳтироми шогирдон, волидони онҳо, мардуми ноҳияи Муъминобод аст. Имрӯзҳо ҳам устод бо ифтихор, бо сари баланд сӯйи дабистонаш равон аст, то насли наврас аз дониш, таҷриба, маҳорат ва истеъдоди ӯ бебаҳра намонад.

*Нурулло ҲАСАНОВ,*
*рӯзноманигор*

ЗАҲМАТҚАРИН

# МОДАРИ МАЪРИФАТГУСТАРИ МАН

Омӯзгорӣ пешаи бузургест ҳамбаста ба шарафу ифтихор ва меҳру муҳаббат. Омӯзгоронро рисолати бузурге ба дӯш аст ва равшании роҳи имрӯзу фардои миллат аз фаъолияти онҳо вобастагӣ дорад. Дастгиру раҳнамою маърифатбахши ҳамагонанд омӯзгорони шарафманд. Маҳз онҳо ба кӯдакону наврасон хираду савод омӯхта, барои шахси комилу фозил шуданашон мусоидат мекунанд. Омӯзгорон насиҳатҳои падарона, ғамхориҳои модарона доранд ва ҳамеша фикру зикрашон тақдири насли наврас, ободии ҷомеа ва шукуфоии имрӯзу фардои миллат мебошад. Аз ин ҷост, ки хурду калон, пиру ҷавон ба омӯзгорон эҳтиром доранду пеши онҳо сари таъзим фуруд меоваранд. Дар ситоиши омӯзгорон аҳли хирад, шоирону нависандагон суханони баланду дилписанд ва саршор аз меҳру муҳаббат гуфтааанду мартабаи онҳоро болотар аз мақоми волидайн муқаррар кардаанд. Ин қитъа бисёр машҳур аст:

**Подшоҳе писар ба мактаб дод,**
**Лавҳи симин-ш бар канор ниҳод.**
**Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар:**
**«Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар!»**

Ман ифтихормандам, ки дар оилаи омӯзгорон ба дунё омадаю ба камол расидаам. Падару модарам пешаи омӯзгорӣ доранд ва аз ҷодаи пазируфтаашон дар ҳаёт қаноатманданду ифтихор мекунанд (Падарам омӯзгор, мухбири фаъоли ҷамоатии ҳафтаномаи «Омӯзгор» Абдурауф Қобилов).

Модарам Шафоат Ҷабборова наздик ба чил сол мешавад, ки дар муассисаи таълимии рақами 19 ба номи А.Гадоеви деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ ба омӯзгорӣ машғуланд, омӯзгори забон ва адабиёти рус мебошанд. Худ хатмкардаи таълимгоҳи мазкуранд. Дар мактаб хонандаи фаъолу ғайратманд будааанду ба мутолиа ва ба забонӣ шавқи беандоза доштаанд. Маҳз дар оғӯши дабистон ба пешаи начибу масъулиятбор – омӯзгорӣ дилбастагӣ пайдо мекунанд ва аз ин рӯ, пас аз хатми таълимгоҳ бо азми қатъӣ ба Донишгоҳи забонҳои Тоҷикистон (Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим

Улуғзода) ҳуҷҷат супорида, донишҷӯ мешаванд ва ин боргоҳи баландпояи хираду маърифатро бомуваффақият хатм мекунанд. Модарам ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти рус ба зодгоҳашон баргашта, дар мактаби хатмкардаашон дар канори собиқ устодонашон оғози фаъолият мекунанд. Модару падари омӯзгорам чор фарзанд ба олам овардаю тарбият кардаю ба зиндагии мустақилона ҳидоят бинмудаанд. Се фарзандашон (аз ҷумла, камина) бо роҳи волидон рафта, ба пешаи омӯзгорӣ гаравидаанд. Келини хонадон Гулчида низ пешаи омӯзгорӣ дорад. Яъне, мо, дар маҷмуъ, як оилаи комили омӯзгоронем ва ҳама аз ин ифтихормандем.

Модарам моро раҳнамоӣ мекунанд, ҳамеша мададгору ғамхорамон мебошанд. Ҳар гоҳ ки дар кори таълиму тарбия ба мушкилие дучор меоем, зуд ба модар мурочиат мекунем. Маслиҳату дастуру раҳнамоиҳои он кас гиреҳкушои мушкилотамон мешаванд ҳамеша.

Ба модарам ҳамкорону шогирдонашон ва аҳли деҳа эҳтиром доранд ва инро модарам барои худ беҳтарин дастоварди ҳаёт медонад. Омӯзгорони ҷавон пайваста ба маслиҳатҳои судманди модари соҳибтаҷрибаю рӯзгордидаам рӯйи ниёз меоваранд, аҳли деҳа дар баргузории ҳамоишу маъракаҳо аз дастурҳои модарам барҳурдор мешаванд. Дарсҳою машғулиятҳои иловагии модарам барои шогирдон хеле мақбуланд, зеро ҳама навоваронаю пурҷозибаю баландмуҳтавоянд.

Модарам ба шогирдон мунтазам аҳамияту моҳияти забондонию забономӯзиро таъкид карда, ёдовар мешаванд, ки дар замони мо донистани забонҳо ба кас имконоти фаровон фароҳам меоварад, боиси комёбиҳо ҳам дар таҳсил ва ҳам дар кор мешавад.

Хушо, ки модарам ҳоло ҳам азму иродаю неруи устувор доранд ва илова ба дарсҳои ҳамарӯзаашон мунтазам ҳамоишҳо бо шогирдон зери унвонҳои «Луғатдони беҳтарин», «Бо русӣ беғалат сухан мегӯем», «Забони суханварони бузург», «Забон донӣ-ҷаҳон донӣ» баргузор мекунанд… Аз модари азизам ифтихормандам!

*Шукуфа ҚОБИЛОВА,*
*омӯзгор*

ВОҲӮРӢ

# СУХАН АЗ ДОНИШУ ИЛМУ АДАБ БУД

Дар гимназияи хусусии “Тоҷикистон” дар шаҳри Душанбе вохӯрии хатмкунандагони ин боргоҳи маърифат бо адиб ва рӯзноманигор, ҷонишини сармуҳаррири ҳафтаномаи “Омӯзгор” Абдурауф Муродӣ баргузор гашт. Хонандагон суханронии адиб ва рӯзноманигорро дар бораи аҳамияту моҳияти илму дониш, ҳамдамӣ бо китоб, ватан ва ифтихори миллӣ, одоби ҳамида, муқаддасоти миллат, эҳтироми устодон, шаъну шарафи ватандорӣ, бунёдкориҳо дар аҳди Истиқлол... бо мароқи том шуниданд. Маслиҳатҳои мавсуф дар хусуси омодагӣ ба супоридани имтиҳонот дар Маркази миллии тестӣ ва идомаи таҳсил дар мактабҳои олии мамлакату хориҷ аз он ва ҳамеша содиқ будан ба ҳувияти миллӣ барои хонандагон хеле муфид буд. Абдурауф Муродӣ дар идомаи вохӯрӣ аз эҷодиёти худ намунаҳо қироат карда, ба китобхонаи гимназия якчанд китоб тақдим намуд.

Дар поёни ин вохӯрии ҷолибу судманд хонандагон ба як силсила саволҳои худ аз адиб ва рӯзноманигор посухҳои комил дарёфтанд.

*Н. ОХУНЗОДА,*
*“Омӯзгор”*

АЗ ҲАР ХУСУС

**Некӣ бармегардад**

Соли 1966 писари шашсолае бо номи Роҷер Лозер дар баҳр, (дар наздикии Салеми Амрико) ғарқ мешавад. Хушбахтона, ӯро зане бо номи Элис Блейз начот медиҳад.

Соли 1974 вақте Роҷер 14–сола буд, дар ҳамон баҳр оббозӣ мекард. Нохост мебинад, ки марде дар об ғарқ мешавад. Ӯ мардро начот медиҳад. Маълум мегардад, ки мард шавҳари Элис будааст.

**Рекорди кӯдаки ҳафтсола**

Ҳазор метр дар 13,48 сония – чунин суръати тасхиркунандаро Рудолф – давандаи хурдтарак аз ИМА нишон дод. Ин рекорди байни писарчаҳои ҳафтсола маҳсуб мешавад. Ба ин хотир давандаи наврасро ба варзишгари сабуки достонзеб Усейн Болт баробар медонанд. Рекорди Усейн 9,58 сония буда, мақсади асосии ин писарбача фатҳи натиҷаи Болт мебошад.

**Ҷейд – нобиға**

Духтараки ҳаштсола – Ҷейд дар Англия нобиға ҳисоб меёфт. Ӯ илова ба забони англисӣ бо забонҳои олмонӣ, фаронсавӣ ва испанӣ низ ҳарф мезад. Ин духтарак дар навохтани скрипка ва пианино ҳам моҳир буд, чун нависандаи беҳтарин дар байни наврасон сазовори ҷоиза гардид. Вай аксар китобҳоро бо забони ишора баргардонд. Муаллимаи риёзӣ, ки ба вай вазифаи хонагӣ медод, ҳанӯз аз дар набаромада, духтарак фарёд мезад:

- «Очаҷон, мисолҳоро ҳал намудам, боз ба чӣ кор машғул шавам?». Модар ӯро ба мактаби соҳибистеъдодҳо супурд, зеро дигар наметавонист маблағи дарсҳои хонагиро пардозад. Дар ин мактаб Ҷейд аз ҳамаи омӯзгорон донотар ба ҳисоб мерафт.

**Пули маҳтобӣ**

Пул (кӯпрук)-и маҳтобӣ асоситарин ва ҷолибтарин макони боғи шаҳрии Даҳул ба шумор меравад, ки дар минтақаи саноатии Тайбэ (пойтахти Тайван) ҷойгир аст. Бо фаро расидани шом нурҳои моҳтоб дар оби кӯл партавафшонӣ мекунанд. Зери равшании моҳ пул бо тамоми зебоияш акс меёбад ва ба назар мерасад, ки гӯё осмон бо моҳтобаш дутост, ҳам дар боло ва ҳам дар қаъри кӯл. «Пули маҳтобӣ» ном гирифтанаш низ аз ҳамин ҷост. Субҳгоҳон метавон манзараҳои аҷибтарро аз болои пули пиёдагузар тамошо кард.

*Фароҳамсоз Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

**Соли равон дар корхонаҳои саноатии ВМКБ ба маблағи қариб 40 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст.**

*Ҳақиқат метавонад гоҳе пинҳон бимонад, аммо ҳеҷ гоҳ намемирад.* *Ливий Тит*

«Омӯзгор» №17, 25 апрели соли 2024

СУХАН АЗ ОМӮЗГОР ВА ШОИРИ 90-СОЛА

# ҶАВОНИИ ХИРАД

Агар дар дил шарораест, рӯзе шуълавар мешавад ва ҳамагон баҳравар аз он мегарданд. Агар раҳнавард қавиазму иродатманд аст, замоне ба қуллаи мурод мерасад ва бонги нишот мезанад. Агар андешае нек ба сар бошад, албатта, фасли татбиқаш фаро мерасад. Ҳар пирӯзие иртибот ба устуворӣ ва сабру таҳаммул дорад. Кори неку дар ҳар замоне ҷомаи амал ба тан кашад, фараҳовар аст. Устоди андарз Саъдии Шерозӣ фармуда:

**Сухандони парварда, пири куҳан**
**Биандешад, он гаҳ бигӯяд сухан.**
**Мазан бетааммул ба гуфтор дам,**
**Наку гӯй, агар дер гӯй, чӣ ғам?!**

Шароре дар дил аз овони ҷавонӣ дошт нисбат ба шеъру каломи бадеъ омӯзгори сарбаланду истеъдодманд Ғафур Носир. Бар асари он пас аз хатми мактаби зодгоҳ (деҳаи Воруи шаҳри Панҷакент) дар омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент ва дар факултаи забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров идомаи таҳсил кард. Пасонтар дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (факултаи таърих) ба таҳсилаш идома бахшид. Беш аз шаст сол ба таълиму тарбияи насли наврас дар мактаб машғул шуд. Омӯзгоре буд ташаббускору ғайратманду соҳибфазилат. Замоне барканор аз худомӯзию мутолиа набуд, фориғ аз машғулиятҳои расмиаш китоби шеър рӯи даст дошт. Ашъори зиёде аз суханварони миллат азёд медонист ва дар ҳалқаи шогирдону ҳампешагон ҳамеша порае шеър вобаста ба мавзуи суҳбат ба забон меоварду тавзеҳ мебахшиду сомеъонро мамнуну мафтун мекард.

Соли равон синни ин омӯзгори собиқадору равшанзамир ба 90 расид. Замоне аз фаъолияти омӯзгорӣ фориғ гашт, барояш вақти зиёд барои фароғат фароҳам омаду доираи худомӯзияш бештар вусъат ёфт. Ва ҳамон шароре, ки дар дил нисбат ба каломи мавзун дошт, шуълавар гашт, аланга зад. Пири рӯзгордидаю шебу фарози зиндагиро паймуда ва таҷрибаандӯхтаю хирадпарварда бо азми қавию илҳоми саршор хома ба даст оварду ба эҷоди шеър пардохт, «Наку гӯй, агар дер гӯй, чӣ ғам!»-ро шиор пазируфт. Меҳри гарму самимиаш ба сухани манзум, захираи ғании луғавиаш ва ашъори фаровони азбаркардааш мусоидат ба он бинмуданд, ки дар андак замон силсилаи шеърҳои дилчаспу равону ҳикматбор рӯи сафҳа оварад. Бо неруи ҷавонмардона ашъоре печида ба хирад эҷод мекунад пири маърифатоин Ғафур Носир, ки дар шеър Ғуфрон тахаллус пазируфтааст. Устод Лоиқ барҳақ фармуда, ки «Пирии марде агар бошад ҷавонии хирад». Ҳоло (дар навадсолагӣ) ин «эҷодкори ҷавон» муаллифи шаш китоби шеър-«Ёдгори умр», «Давоми умр», «Дилшод ва Гулшод», «Насиҳат ба фарзанд», «Ҳадафнома» ва «Ҳамболи орзу» мебошад, ки дар

давоми солҳои 2018-2023 ба чоп расидааанду аз ғазалу чаҳорпораю дубайтию рубоию маснавию достон… ороста шудааанд. Муҳтавои нигоштаҳои устод Ғуфрон собитгару таъкидгари он аст, ки ӯ аз зиндагӣ, аз рухдодҳои ҳаёт ва аз суҳбату маҳфилҳои гуногун бардошту мушоҳидаҳои зиёде доштааст ва аз гӯшае тӯшае дарёфтаву аз ҳар хирмане хӯшае ба даст овардааст. Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёташ хираду ҳикмат бартарӣ пайдо карда. Чанд байт:

**Аз суҳбати ашхоси дилозор**
**бипарҳез,**
**Аз вартаи нодонӣ ту зинҳор**
**бипарҳез.**

***

**Домани ваҳдат бигиру устуворӣ**
**пеша кун,**
**Бесабаб ҳаргиз машав аз халқу аз**
**ёрон ҷудо.**

***

**Эй ҷавон, бояд биҷӯй бахту**
**имдод аз ҳунар,**
**Чунки доим мешавад вайрона**
**обод аз ҳунар.**

Афзалият дарёфтани мавзуи андарзу насиҳат дар осори Ғуфрон амри табиист, зеро ӯ солҳои зиёде шуғли омӯзгорӣ дошту ин пеша бо тарбият алоқаманд аст, тарбияро бидуни панду ҳикмат наметавон тасаввур кард. Ба ин маънӣ, метавон таъйид намуд, ки фаъолияти омӯзгории устод Ғуфрон имрӯз низ идома дорад ба шеваи дигар. Ӯ тавассути ашъораш ҳамагонро ба ватандӯстию садоқатмандӣ, ваҳдату рафоқат, накукорию шарафмандӣ, далерию шуҷоат, эҳтироми ҳамдигар, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллат ва ҳифзи истиқлоли кишвар даъват мекунад. Ва даъвати ин пири хирад хеле самимию хушлаҳн ва дилрасу ҳадафгир аст, зуд мақбули шунаванда мешавад ва ӯро водор мекунад, ки пайгири ин даъватҳои созанда шавад. Аз ин лиҳоз таваҷҷуҳ ба қитъаҳои зер мекунем:

**Чун ватандорӣ, бикун мулку**
**диёратро дифоъ,**
**Обрӯи миллати боэътиборатро**
**дифоъ.**
**Беҳтарин неъмат ба инсон ваҳдату**
**озодӣ аст,**
**Кун ҳамеша мулки соҳибихтиёратро**
**дифоъ.**

***

**Эй Ватан, аз нури ваҳдат ёфтӣ**
**нашъунамо,**
**Баҳри рушди бомаромат дорӣ бар**
**худ Пешво.**
**Ҳар гулу ҳар хору ҳар сангат**
**барои ман азиз,**
**Гарди хокат менамоям ман ба**
**чашмам тӯтиё.**

***

**Агар ношукр бошӣ ин Ватанро,**
**Чунин гулбоғи хандону чаманро,**
**Агар нашносӣ асли хештанро,**
**Ватан-Модар туро ҳаргиз набахшад.**

Дар умум, домани мавзуоти осори устод Ғуфрон васеъ буда, қисмате аз ашъори ӯ ба мавзуъҳои анъанавии адабиёт – ишқу муҳаббат, меҳру садоқат ва тасвири табиату ҳидоят ба накукорӣ, мазаммати атвори номақбул бахшида шудааанд.

Ишқ бедории дилҳост, он ҷавониро дар ниҳоди кас дар ҳама синну сол ҳифз мекунад, шуълаи қалбҳоро фурӯзон нигоҳ медорад, ҳастиро неру мебахшад, суханро гарму пурҷозиба месозад. Давлати дил аст ишқ ва он ҳаргиз созиш бо гузашти айёму нақши солҳо надорад. Тараннуми ишқ гуворост барои пиру ҷавон. Бубинед, пири барнодил, ки ба фатҳи садумин солгарди умр наздик омадааст, чӣ сон ҷавонмардона сухан аз боби ишқу муҳаббат мегӯяд, чӣ қадар иштиёқу самимият ба маҳбуба дорад:

**Он бути нозофарин ҳаргиз**
**ҳабиби ман нашуд,**
**Аз Бадахшони лабаш лаъле**
**насиби ман нашуд.**
**Дардманди ишқаму ҳаргиз**
**намеёбам шифо,**
**Баҳри дармони дилам пайдо табиби**
**ман нашуд.**

***

**Дирӯз он нозукбадан омад ба гул**
**гашти чаман,**
**Мижгонсияҳ, ёқутлаб, гулчеҳраи**
**ширинсухан.**
**Дар боғ агар монад қадам он**
**дилрабои нозбӯ,**
**Сарв аз хиҷолат бишканад, аз**
**рашк гиряд норван.**

Рост, ки то бад-ин сатҳ самимонаю ошиқона сухан гуфтани як қаламкаши солманд падидаест ҳикматбору омӯзанда ва месазад, ки саногӯяш бошем.

Устод Ғуфрон аз оғози таҳсилаш таваҷҷуҳу иштиёқ ба адабиёти классикӣ доштаасту пайваста китоби ашъори шуарои номвари тоҷикро варақ мезадааст. Вобаста ба ин, ӯ дилбастагӣ ба шеъри суннатӣ пайдо карда, ба анъанаҳои адабии ниёгон содиқ мондааст. Яъне, ҳамвора шеъри суннатӣ мегӯяд ва низ ғолибан ғазалро дӯст медораду дар ҳама китобҳояш ин жанри назм афзалият дорад. Ғазалҳояш аз обуранги бадеӣ, санъатҳои шеърӣ ва тасвирҳои ҷолиб бархурдоранд, дорои лаҳни шевою дилпазиранд ва равону самимиянд. Ин сифатҳои ғазалиёти устод Ғуфрон дар баъзе мавридҳо сактаи гуфтору умумигӯиро хеле хуб ҷуброн кардаанд.

Дар сурудаҳои шоир оҳангу тарзи гуфтори халқӣ равшан ба мушоҳида мерасад, то ба ҳадде ки намунаҳое аз ашъораш моли эҷодиёти шифоҳии мардумиро ба ёд меоваранд, хеле гӯшнавозу самимию содаю равонанд. Ду далел:

**Чархо, фалако, дигар маро хор**
**макун,**
**Дар мулки касон ғарибу бемор**
**макун.**
**Берун зи Ватан макун маро ҳеҷ**
**гаҳе,**
**Бар таънаи нокасон гирифтор**
**макун.**

***

**Наврастагуле зи боғи истиқлолам,**
**Фархунда марост толеъу иқболам.**
**Дар даҳр чу ман надида хушбахт касе,**
**Аз толеи худ ҳамеша ман меболам.**

Устод Ғуфрон ҳамчун ватандӯсти асил ва узви фаъоли ҷомеа ҳамеша огаҳ аз вазъи замон ва рухдодҳои навини айём аст ва вобаста ба ҳар ҳодисае нуқтаи назари худро дорад, ба ҳар падидаи замон бо забони шеър посух мегӯяд, мавқеъ равшан мекунад. Дар китобҳои ашъори ӯ силсилаи шеърҳоеро дучор меоем, ки ба мавзуъҳои умдатарини айём - дастовардҳои истиқлол, шукуфоии рӯзафзуни кишвар, бунёди роҳу нақбҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ, эҳёи ҷашнҳою суннатҳои миллӣ, таҷлили солгарди зодрӯзи абармардони миллат, ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат, рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, устуворгардии пояҳои сулҳу ваҳдат… бахшида шудааанд ва дар онҳо ғояи ҳувияту ифтихори миллӣ дар меҳвар қарор дорад. Ба ин гуна, нигоштаҳои устод Ғуфрон саршор аз таманниёту хостаҳои неку меҳангароёнааанд.

**Ҳамехоҳам, ки сулҳи Тоҷикистон**
**ҷовидон монад,**
**Ҳама халқаш ба ҳамдигар анису**
**меҳрубон монад,**
**Диёраш аз ҳама ранҷу фалокат**
**дар амон монад,**
**Барояш Пешвои миллати ӯ посбон**
**монад.**

Ба пири хирад ва куҳансоли барнодил, устод Ғуфрон сиҳатмандии бардавом ва идомаи фаъолият дар паҳнои адабиёт орзумандем. Месазад, ки рӯзгору омоли ҷолибу ҳикматбори ин устоди варзида мавриди омӯзишу таҳқиқи махсус қарор дода шавад.

***Абдурауф МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

ИҚДОМ

# МАҲАЛЛИ ЗИСТРО ТОЗА НИГОҲ ДОРЕМ

Бо мақсади озодаю зебо ва тоза нигоҳ доштани маҳалли зисти худ ташкил намудани шанбегиҳо байни мактаббачагон бамаврид буда, ин амал метавонад дар ниҳоди хонандагон ҳисси масъулиятро бедор намояд. Чанде пеш чунин шанбегиеро бо номи «Диёрамонро тоза нигоҳ медорем» байни хонандагони синфи 4-ум гузаронидем. Ба ин восита як қатор роҳрав ва кӯчаҳои маҳаллаамонро аз зарфҳои пластикӣ ва

дигар маводи нодаркор тоза кардем, ки ин боиси хушнудии мардуми маҳалла ва аҳли муассисаамон гардид.

Хонандагон дар рафти шанбегӣ доир ба зарари зарфҳои пластикӣ маълумот гирифта, беҳтар донистанд, ки дар роҳраву кӯчаҳо партофтани зарфҳои истифодашуда амали хуб нест. Инчунин, хонандагон фаҳмиданд, ки маводи пластикӣ ва дигар намуди партовҳо, ки аз ҷониби одамон ҳамарӯза ба ҳар гӯша партофта мешаванд, метавонанд боиси хароб гаштани вазъи экологии маҳал гарданд. Дар давоми як соли таҳсил мо ҳамеша таъкид менамудем, ки бачаҳо садди роҳи ифлосшавии табиат гарданд ва ба тоза нигоҳ доштани атрофи хонаҳои худ машғул шаванд. Дар шанбегию ҳашарҳо мактабиён моҳияти мафҳумҳои тозагӣ ва ободии маҳалро амиқ дарк намуданд. Пеш аз оғози кор онҳо дар ҷое, ки молмоли партовҳои зараррасон буд, истода назорат карданд ва вобаста ба ин манзараи ҳузновар фикру ақидаҳои худро баён намуданд. Ба ин восита онҳо дарк карданд: сабаби асосие, ки боиси сар задани чунин манзара гаштааст, худи одамон мебошанд.

***Собирҷон СОБИРОВ,***
***омӯзгори МТМУ №73-и***
***ноҳияи Рӯдакӣ***

**Дар шаҳри Душанбе ҳамкории илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи Акитаи Ҷопон баррасӣ шуд.**

КИТОБИЁТ

# ТАСВИРИ РӮЗГОРИ ПУРОШӮБ

Ман понздаҳ сол пеш «Қисмати зани солеҳа» ном романи Сулаймон Эрматовро ба забони ӯзбекӣ хонда, фикру ақидаҳои худро дар рӯзномаи «Устоз» баён карда будам. Азбаски дар мактаби мо таълим ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ сурат мегирад, тоҷикзабонон хоҳиш карда буданд, ки ин асарро ба забони модарии худ хонанд. Чанде пеш аз нашрияи дӯстдоштаам «Омӯзгор» донистам, ки ин орзуи онҳо амалӣ гаштааст.

Солҳо мегузаранд, вале давраи бадарғакунӣ ва таъқиботи сталинӣ, ки ба сари мардуми мо ҷабру ҷафоҳои зиёдро овардааст, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Зеро дар он давра ҳазорон ҳамватани мо ба ҳабс гирифта шуда, аксари онҳо дигар ба хона барнагаштаанд ва як қисмашон паронда шудаанд. Дар қатори ҳамин бечораю ҷабрдидагон – занҳо низ кам набуданд. Дар ин китоб сухан дар бораи як зани солеҳа, ки азоби бадарғаро кашидааст, меравад.

Занҳои солҳои сиюм бадарғашударо ба лолаҳои дар зери барфмонда ташбеҳ додан мумкин. Қаҳрамони романи «Қисмати зани солеҳа»-и нависанда Сулаймон Эрматов Бибиоиша яке аз ҳамин гуна занҳо буд.

Нависанда саргузашти қаҳрамонони романро аз падари бузургвораш, ки дар ҷавонӣ шоҳиди ин воқеаҳои даҳшатовари замони гузашта гардидааст, шунида буд. Баъди чил сол хабар меёбад, ки писари бадарғашудаи Оишахолааш дар Самарқанд зиндагӣ мекардааст. Бо падараш роҳи Самарқандро пеш мегирад. Бо писари холааш вомехӯрад. Ин воқеа аз забони худи муаллиф нақл карда мешавад.

Баъд аз ин вохӯрӣ муаллиф ба рост будани хотираҳои падараш бовар ҳосил карда, барои навиштани ин роман азм кардааст. Оид ба воқеаҳои мураккабу печидаи он давра китобҳои зиёдеро варақ задааасту бо пирону солхӯрдагони зодгоҳи холааш, ки шоҳиди ин воқеаҳои даҳшатовар буданд, ҳамсуҳбат шудааст. Барои тасаввуроти аниқ пайд кардан борҳо ба Самарқанд рафта, доир ба рӯзгори холааш маълумот ҷамъ намудааст.

Пӯшида нест, ки таъқиботи сталинӣ қариб ҳар маҳаллаю хонадонро фаро гирифта, одамони соҳибмаърифат, соҳибилм, соҳибистеъдод, арбобони дин, зиёиёнро, ки гули сари сабади ҷомеа, ифтихори кишвар ва миллат ба шумор мерафтаанд, ба коми даҳшатбори худ кашида буд. Хешу пайвандони онҳо низ мавриди таъқиб қарор гирифтаанд. Ҳоло қисми зиёди мардуми мо аз бадарға шудани занони тоҷику ӯзбек бехабаранд.

Аксари занон барои бегуноҳ будаанашон баъд аз тӯфонҳои даҳшатноки солҳои 1937-1938 ба озодӣ баромаданд. Мувофиқи қонуну қоидаҳои мавҷуда онҳо бояд қурбониҳои таъқиботи сталинӣ ҳисоб намеёфтанд. Вале занҳое, ки дар таҳхонаҳои торики НКВД ё дар камераҳои ҳабсхона ду-се сол азобу азият кашидаанд ва баъди озод шудан низ дар таҳти шубҳа, гумон, таҳқиру ҳақорат, тарсу ҳарос зиндагӣ кардаанд, оё онҳоро қурбони бадарға нагуфтан мумкин аст? Фикр мекунам, дар қатори мардони ҷабрдида номи ин занони қаҳрамон бояд дар таърих сабт гардад. Дар оянда дар бораи онҳо роману қиссаҳо, асарҳои саҳнавӣ, филмҳо офарида шавад, ки ба ин васила одамон ба қадри замони соҳибистиқлолӣ бирасанд.

Бо тақдири Бибиоиша аз нав шинос шудам, ки ба сарнавишти модаркалони ман монанд будааст. Аз чашмони падарам зуд-зуд ашк рехта, дар бораи тақдири падару модарашон нақл мекарданд. Бобоям бо модаркалонам барои як гов, як буз, панҷ-шаш мурғ дошта нашон бадарға шуда будаанд. Шаш бача, ки калониашон ёздаҳсола буд, мисли чӯҷаҳои аз модар ҷудошуда бепарастор мемонанд. Ҳатто кӯдаки шашмоҳа аз оғӯши модар канда шуда, худи модар ба тарафи Дашнобод бадарға мешавад.

Аз Кубодиён солҳои бадарға ҳазорон нафар ба ин гирдоби фалокатзо гирифтор шуда, бе ному нишон гардидаанд.

Ғояи романи «Қисмати зани солеҳа»-ро қаҳрамонии чунин занони азиятдида, ки ба рӯзҳои неку босаодат нарасида, ин оламро падруд гуфтаанд, ташкил медиҳад.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиён, олиму нависандагон зикр намуда буданд, ки дар бораи таърихи миллатамон асарҳо нависанд, ки ҷавонони имрӯзаи мо аз давраҳои вазнини ба сари халқ омада огоҳ бошанду ба қадри озодию истиқлолият бирасанд.

Нависанда Сулаймон Эрматов барои иҷро намудани ин вазифа қадами боҷасорат гузаштааст, ки қобили таҳсин аст.

***Рӯзигул АЛИМАРДОНОВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти ӯзбек,***
***Аълочии маориф ва илми***
***Тоҷикистон,***
***ноҳияи Кубодиён***

МАҲФИЛ

# 50 СОЛИ ПУРСАМАР

16 апрели соли равон ба муносибати 50-умин солгарди фаъолияти адабии Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш) дар саҳни Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфил баргузор гардид. Дар он адибон, рӯзноманигорон, сарояндагон ва ҳаводорони адабиёт иштирок доштанд.

Дар маҳфили мазкур дар бораи муҳтавои ашъори Хайрандеш ва фаъолияти адабии ӯ аҳли илму ҳунар – муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирҳоҷа, фарҳангшинос Шариф Тошев, адибон Абдурауф Муродӣ ва Бузургмеҳри Тоҷиддин суханронӣ намуданд. Инчунин, шогирдони Хайрандеш суханронӣ ва аз ашъори шоир шеърҳо қироат карданд.

Сурудҳои ҳофизони маъруф Ҷовидон Нозимов ва Фахриддини Малик ба маҳфил ҳусни дигар бахшид.

***Ирода ТИЛАБОВА,***
***таҷрибаомӯз, донишҷӯи ДМТ***

ЧАШМАНДОЗ

# МАОРИФИ ҶАҲОН

**Канада: мактабҳо алайҳи шабакаҳои иҷтимоӣ ба додгоҳ шикоят мебаранд**

Дар Канада чаҳор шурои бузурги мактабҳо соҳибони шабакаҳои машҳури иҷтимоиро ба додгоҳ кашиданд. Даъвогарон мегӯянд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба тафаккур ва рафтори кӯдакон таъсири манфӣ мерасонанд ва хисороти ин зиён 4 миллиард доллари канадагиро ташкил медиҳад.

Роҳбарони шурои мактабҳо бовар доранд, ки хонандагон ба сабаби истифодаи душвор ва маҷбурии шабакаҳои иҷтимоӣ бо мушкилоти омӯзишӣ дучор мешаванд. Ба ин далел, ба гуфтаи масъулони таълимгоҳҳо, мактабҳо маҷбуранд барномаҳо аз ҳимояти хонандагонро сармоягузорӣ кунанд.

Дар роҳи мубориза бо мушкилот шуроҳои мактабӣ дар чаҳор вилояти Канада бар зидди Meta Platforms Inc ба додгоҳ шикоят бурданд, ки соҳиби Facebook ва Instagram, ByteDance Ltd. масъули TikTok аст ва Snap Inc., ки платформаи Snapchat-ро идора мекунад, маҳсуб меёбанд. Даъвогарон хисороти расидаро ба системаи маориф 4 миллиард доллари Канада (2,9 миллиард доллари амрикоӣ) арзёбӣ кардаанд.

Эътиқод дар бораи он, ки шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд барои раванди маъмулӣ одат кардан табдил ёбанд ва истифодаи дарозмуддати онҳо метавонад боиси изтироб, афсурдагӣ, камхобӣ ва инзивои иҷтимоӣ шавад, нигарониро ба бор овардааст. “Солимии равонии ҷавонон зери хатар аст”, - мегӯяд ҷарроҳи ИМА Вивек Мерти. - Ман нигаронам, ки аксаран ин омил ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста аст.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тақрибан 95% наврасони аз 13 то 17-сола дар шабакаҳои иҷтимоӣ қарор доранд ва тақрибан сеяки онҳо мунтазам аз ин шабакаҳо истифода мекунанд. Намояндагони 42 иёлати Амрико дар авохири соли гузашта аз ин далел изҳори нигаронӣ карда, алайҳи ширкати “Мета” барои қасдан осеб расондан ба саломатии руҳии кӯдакону наврасон ба додгоҳ шикоят бурданд.

**Федератсияи Россия: нақшаи беҳтар кардани сифати таълими риёзӣ таҳия мегардад**

Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба ҳукумат дастур додааст, ки нақшаи чорабиниҳои маҷмуӣ оид ба баланд бардоштани сифати таълими фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони ин фанҳо ва рафъи норасоии чунин омӯзгоронро таҳия ва тасдиқ кунад.

Ҳукумати Федератсияи Россия бо дарназардошти супоришҳои қаблан додашуда, бо мувофиқа бо Президиуми Шурои Президенти Федератсияи Россия оид ба илм ва маориф нақшаи тадбирҳои маҷмуиро оид ба баланд бардоштани сифати таълими математика ва фанҳои табиатшиносӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани сифати тайёр кардани омӯзгорони ин фанҳо ва рафъи камбуди ин гуна омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва шаҳрӣ таҳия кардааст, омадааст дар фармон. Муҳлати анҷоми фармон 1 июни соли 2024 мебошад.

***

Ҳукумати Филиппин мехоҳад ба бахши маориф тағйирот ворид кунад ва ин кишварро ба як маркази муҳимми таҳсилоти байналмилалӣ дар Осиё табдил диҳад. Аз ҷумла, роҳбарони ин мамлакат ният доранд, ки дар Филиппин кампусҳои донишгоҳҳои хориҷӣ кушоянд. Онҳо, инчунин, нақша доранд, ки маҳдудияти мавҷудаи 30%-и шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар донишгоҳҳои Филиппинро бекор кунанд. Ёдовар мешавем, ки Филиппин яке аз кишварҳои экзотикӣ бо таҳсилоти арзон дар хориҷа ба шумор меравад.

***

Олмон ба як кишвари ҷолиб барои донишҷӯёни хориҷӣ табдил меёбад. Баҳори имсол дар Олмон қонунҳои нав мавриди амал қарор гирифтанд, ки шароити кори донишҷӯёнро дар кишвар беҳтар кардаанд. Акнун шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд 9 моҳ пеш аз оғози таҳсил ба Олмон омада, ҳафтае то 20 соат кор кунанд. Дар давоми таҳсил донишҷӯён, инчунин, метавонанд дар як сол 140 рӯзи пурра ва 280 рӯзи нопурра ё 20 соат дар як ҳафта кор кунанд.

***

Донишгоҳи Ҳарвард дорои шумораи зиёди донишҷӯёни хориҷӣ дар таърих аст. Ҳарвард имсол 1937 нафар донишҷӯи нави бакалаврро қабул хоҳад кард, ки ҳар шаш нафари онҳо байналмилалӣ хоҳанд буд. Донишгоҳ донишҷӯёни хориҷиро аз 94 кишвари ҷаҳон қабул кардааст, ки бештари онҳо аз Канада, Британияи Кабир, Чин ва Ҳиндустон мебошанд. Донишгоҳҳои Амрико аз бонуфузтарин донишгоҳҳои байналмилалӣ маҳсуб мешаванд.

***

Ду донишгоҳи бонуфузи Чин аз қабули донишҷӯе, ки нисбат ба ҳайвонот бераҳм аст, худдорӣ карданд. Сю Му Син, сарфи назар аз нишондиҳандаҳои баланди таълимӣ ва натиҷаҳои беҳтарин, дар имтиҳони дохилшавӣ аз донишгоҳҳои Нанкин ва Ланчжоу рад карда шуд. Донишгоҳҳо донишҷӯро ба далели наворҳое, ки дар он гурбаҳоро дашном медиҳад, қабул накарданд. Тибқи қоидаҳои миллии қабул ба барномаҳои магистрӣ, аз соли 2022 донишгоҳҳои Чин воқеан, ҳақ доранд, ки моҳияти гуманистӣ ва ахлоқии донишҷӯёнро арзёбӣ кунанд.

***Таҳияи Н. ОХУНЗОДА,***
***“Омӯзгор”***

**Дар ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ даври аввали озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор шуд.**

*Ба оне, ки арҷ мениҳанд, хушомад намезананд, зеро арҷ ниҳодан шараф аст, хушомад задан таҳқир.* *Сур Публий*



ХОТИРА

# АФСОНАҲОИ БИБИЯМ

Хонаи бибиям як кӯча поён аз хонаи мо ҷой гирифта буд. Бибиям дар як ҳафта як ё ду маротиба хонаи мо хабаргирӣ меомаданд. Ҳангоме ки аз сари кӯча намоён мешуданд, мо, наберагон, бо хушҳолӣ ин шеърро замзама карда, сӯйи бибиям метохтем:

**Бибиҷонам меояд,**
**Дилу ҷонам меояд.**
**Бибем оянд, мо хурсанд,**
**Кисаҳошон пури қанд.**

Баробари ба наздаш расидан, бибиямро ба оғӯш гирифта, аз рухсораҳояш мебӯсидем. Дар ҳақиқат, бибиям дар кисаҳояш ба мо конфет, чормағз, ғулинг ва қурут оварда, ба ҳамаамон таксим мекарданд. Он кас қоматбаланду зебо буданд ва абруҳои пайвасти сиёҳ доштанд. Зани хеле меҳрубону хоксор буданд. Вақте ки аз кӯча мегузаштанд, хурду калони деҳа салом медоданду хурматашонро ба ҷо меоварданд. Ҳамагон бибиямро бениҳоят дӯст медоштанд, алалхусус, мо - наберагон. Ман бибиямро ба рӯйи кӯрпачаи мулоим таклиф карда, бо таомҳои болаззати модарам меҳмондорӣ мекардам. Бибиям аз ҳар хусус нақлҳои аҷоиб карда, бештар моро насиҳат мекарданд. «Духтарам, духтарча қобилу чаққон, бошарму ҳаё мешавад, дарсҳояшро дар вақташ иҷро мекунад, ба гапҳои модараш гӯш карда, аз худ калонҳоро ҳурмат мекунад», - мегуфтанд. То ҳол суханони бибиям дар гӯшам садо медиҳаду дар зиндагонии ҳаррӯзаам он панду насиҳатҳоро истифода мебарам.

Тарҳавлои хеле бомазза мепухтанд бибиям. Мо аз он кас хоҳиш мекардем, то бо мо тарҳавло омода кунанд.

Бибиям аз ҷойи худ мехестанду ба мо мегуфтанд: «Як нафаратон назди оташдон ҳезум, биёреду дигаратон дегу равғани заҳир, орду шакар биёред, ман ба шумо тарҳавло пухта диҳам». Мо ҳамагон розӣ мешудему аз қафои фармудаи бибиям мешудем. Аввал равғанро дар дег рехта, доғ мекарданд ва баъд ордро дар равған таф дода, як сӯ мегирифтанд, сипас, шакарро дар дег андохта, каме бирён мекарданду дар болояш об мерехтанд, баъди ҷӯшидани об, орди тафдодаро дар об мерехтанду зеру рӯ мекарданд, он гоҳ тарҳавлои бибиям омода мешуду мо бо иштиҳои том ба хӯрдан оғоз мекардем.

Баъди хӯрдани тарҳавло бибиям мегуфтанд: «Ку, наберагони ман, биёед, қурут тайёр мекунем. Ту, духтарҷон, халтаи чакка, ту, духтарҷон, зарфи калоне биёр». Қурутро молида, тайёр мекунем. Лаълиҳои қурутро ба тори боми хона монда, ба рӯяш дока мепартофтем.

Он кас зани покизакор буданд. Ҳар боре ки ба хонаи мо меомаданд, ба мо ёрдам медоданд, то алафҳои ҳавлиямонро тоза кунем.

Вақте ки бибиям мехостанд, ба хонаи худ баргарданд, мо илтиҷоомез аз ӯ хоҳиш мекардем: «Бибиҷон, наравед, шаб дар хонаи мо истед, илтимос, бибиҷон, наравед.» Бибиямро дар хонаи худамон нигоҳ дошта, шаб барои дар паҳлуяшон хоб кардан баҳс мекардем. Бистари худро дар назди ҷойи хобашон густурда, хоҳиш мекардем, то бароямон афсона гӯянд.

Бибиям бисёр зани оқилаю донишманд буданд. Хеле зиёд афсонаю зарбулмасал, шеъру чистон ва ҳикоя медонистанд. Ба мо афсонаҳои «Ҳафт бародар», «Марди тарсончак», «Каллак», «Бузаки ҷингилапо», «Кулчача», «Кадуяк», «Чӯбаки сандалвор»-ро нақл мекарданд. Афсонаҳои бибиямро гӯш карда, чӣ тавр хобамон мебурд, нафаҳмида мемондем.

*Зарнисор НИЗОМОВА,*
*«Омӯзгор»*

БОЗДИД

# ДУ МАКОНИ МУҚАДДАС

19 апрели соли равон кормандони ҳафтаномаи “Омӯзгор” аз Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ ва Осорхонаи ёдгорӣ-адабии Мирзо Турсунзода дидан намуданд.

Осорхонаи ёдгорӣ–адабии Мирзо Турсунзода соли 1981 ба муносибати 70-умин солгарди мавлуди шоир таъсис дода шудааст. Дар осорхонаи мазкур дар қатори ашёи дигар, китобҳо, телефон, медалҳо, мизи корӣ, аксҳои зиёд ҷойгиранд.

Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ соли 1978 ифтитоҳ гардидааст ва маконест, ки устод Садриддин Айнӣ се соли охири ҳаёти худро дар он гузаронидааст. Дар саҳни ҳавлӣ нимпайкараи устод Садриддин Айнӣ гузошта, атрофи он бо гулҳои гуногун ороиш дода шудааст. Осорхона аз ҳуҷраҳои гуногун иборат буда, дар дохили он мизи кории устод, асарҳои устод, ки бо забонҳои гуногун тарҷума шудаанд, дастхатҳои устод, инчунин, китобу маҷаллаҳое, ки устод аз онҳо истифода мебурданд, мавҷуданд.

Зимни боздид аз осорхонаҳои мазкур кормандони ҳафтаномаи “Омӯзгор” аз ҳаёту фаъолият ва хидматҳои ин ду шахсияти бузурги таърихӣ - Мирзо Турсунзода ва Садриддин Айнӣ бештар ошно гардиданд.

РОБИТАИ АДАБӢ

# СУХАН АЗ ДӮСТӢ ВА НАВИСАНДАИ НОМВАР

18 апрели соли равон дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҳфил баргузор гашт, ки он аз ду қисмат иборат буд. Дар қисмати аввал вохӯрии аҳли адаби тоҷик бо раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, Шоири халқии Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид ва адибони ин кишвар Шероз Мирзоев ва Одил Икром баргузор гашт. Дар оғоз, муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа ва Сироҷиддин Саййид дар бораи дӯстиву ҳамбастагии бардавому безаволи халқҳои тоҷику ӯзбек ва анъанаҳои дерини адабӣ суханронӣ карданд. Баъдан дар заминаи қарори Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ба се адиби тоҷикистонӣ – Сайфулло Қулаев, Алиакбари Абдулло ва Ҳасан Бердиқулов дафтарчаи узвият ба Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон супорида шуд.

Дар хотимаи ин қисмати маҳфил ҷонибҳо ба рамзи эҳтирому эътиқод ба ҳамдигар бастаи китобҳои тозанашр тақдим карданд.

Қисмати дуюми маҳфил ба ифтихори 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ - нависандаи маъруфи ҷангноманавис иртибот дошт. Дар бораи ҳаёту фаъолияти адабӣ ва моҳияту муҳтавои эҷодиёти ӯ адибону адабиётшиносон Ато Мирхоҷа, Абдунабӣ Сатторзода, Абдураҳмон Абдуманнон, Каромат-уллоҳи Мирзо, Абдулҳамиди Самад, Сироҷиддин Икромӣ ва ҳунарпешаи маъруф Тӯрахон Аҳмадхон суханронӣ намуданд.

Шоистаи зикр аст, ки нависандаи номвари тоҷик Фотеҳ Ниёзӣ солҳои сиюми асри бист – дар оғози фаъолияти адабияш дар нашрияи “Барои маорифи коммунистӣ” (ҳоло “Омӯзгор”) ба сифати котиби масъул кор кардааст.

*Ирода ТИЛАБОВА,*
*таҷрибаомӯз, донишҷӯи ДМТ*

МУАММО

# «ИҚЛИМ»

**Аз чап ба рост:**

1. Ифодаи хушҳолӣ ба ҷойи ибораи «хуш омадед». 6. Асбоби тории мусиқӣ. 9. Исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ. 11. Исми Нависандаи халқии Тоҷикистон. 12. «Ҷуз аз *** шодӣ ояд ба чанг» (Абушакури Балхӣ). 13. Як қисми ҳар гуна мошинҳо. 14. ***и Шерозӣ, шоири адабиёти классикии тоҷик.17. Истилоҳи илми география. 18. Дарахте, ки аз меваи он доруворӣ тайёр мекунанд. 19. ***и Хуҷандӣ, шоири адабиёти классикии тоҷик.

**Аз боло ба поён:**

2. Шаҳр дар иолати Уттар- Прадеши Ҳиндустон. 3. Ҳаммаъноии вожаи *иморат*. 4. Қаҳрамони романи Ф. Муҳаммадиев. 5. Истилоҳи илми мусиқӣ. 7. Собиқ Президенти АМИТ. 8. «*** сифати мардуми озода набошад» (Бедил). 10. Макони хеле ноқулайи гузаргоҳ дар кӯҳистон. 15. Маҳфуми хешутаборӣ. 16. «Смена» бо забони тоҷикӣ.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*




**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дипломи гумшудаи ДТО 0040023, ки онро соли 2008 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба Зарифов Музаффар Саидҷафарович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1138819, ки онро соли 2023 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Каримова Ҳикоятой Ҳусейновна додааст, эътибор надорад.

Асар дар чопхонаи нашриёти «Омӯзгор», Шаҳрак тирра ба ҳисобгирӣ рӯй овард.

ҲАФТАНОМА АЗ 26-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҲОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Сухроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (хуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 43234 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: А. Муродӣ